# 11 ОКТЯБР – ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 11-12 (135-136) 5-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2020, ДУШАНБЕ



Забони модарӣ хишти нахустини пойдевори кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллӣ мебошад.

Забони тоҷикӣ баёнгари тамоми арзишҳои бузурги маънавии халқи мо буда, тамаддун ва фарҳанги куҳанбунёд, ки мо бо онҳо ифтихор мекунем, то ба имрӯз маҳз ба воситаи забони модариамон ҳифз гардидааст; бо он забони латифу нафисе, ки матнҳои беш аз ҳазору дусад сол қабл навишташудаашро мехонему мефаҳмем; бо он забоне, ки садҳову ҳазорҳо бузургони суханвари ин марзу бум эҷод кардаанд ва осори ҷовидонаи худро ба имрӯзиён мерос гузоштаанд.

Забони миллӣ аз ҷумлаи муқаддасоти миллат аст ва забони давлатӣ рамзи давлат аст.

Омӯзгорони забону адабиёти тоҷикӣ, падару модарон ва аҳли зиё вазифадоранд, ки ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи забондонӣ ва махсусан, ба сайқал додани фарҳанги муоширати наврасону ҷавонон мусоидат карда, ба риояи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ ва одоби сухангӯӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимми раванди таълиму тарбия таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

ФАРХУНДА БОД! с. 2

ИНТИХОБОТ – САҲМ ГУЗОШТАН ДАР ПЕШРАФТ ВА ТАРАҚҚИЁТИ ВАТАН с. 4-5

ЗОДРӮЗАТ – ЗОДРӮЗИ МИЛЛАТ с. 7

ИШТИРОКИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ ДАР ЧОРАБИНИҲОИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ с. 8-9

ҶАҲОНИШАВӢ ВА РИОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН с. 10

УЧИТЕЛЬ – СИМВОЛ ЗНАНИЙ с. 11

ЗАБОН – ПОЙДЕВОРИ КОХИ МИЛЛАТ с. 12

ФИДОКОРИ РОҲИ ИЛМ ВА ОМӮЗГОРИ СОҲИБМАКТАБ с. 14

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармухаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Махмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.**
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ;
**Имомзода М.С.**
Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ;
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иктисодӣ, профессор, ректори ДМТ;
**Тоҳиров Ф.Т.**
академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ;
**Насриддинзода Э.С.**
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ;

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# СЕМИНАРИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМӢ-АМАЛӢ

Санаи 26 сентябри соли 2020 дар заминаи кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ семинари илмӣ-амалии устодони кафедраи мазкур баргузор гардид.

Семинари мазкурро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳмон Д.С. ифтитоҳ намуда, зарурият ва аҳамияти баргузории ҷамъомадро ба ҳозирин шарҳу тавзеҳ дод.



Дар семинари илмӣ-амали устодон ва аспирантони ҷавон, аз ҷумла дотсент Сулаймонов Ф.С. дар мавзӯи «Масоили эътирофи ҳуқуқи замин чун объекти ҳуқуқи гражданӣ», дотсент Соҳибзода М.М. дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқии баҳои замин: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамо», Қудбуддинов Ф.Ш. дар мавзӯи «Зарурияти таҳия ва қабули Кодекси экологии ҶТ» ва Муминзода О.С. дар мавзӯи «Баъзе аз мушкилоти табиати ҳуқуқии шартномаи суғуртаи ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ» бо маърӯзаҳо баромад намуданд.

Оид ба маърӯзаҳои пешниҳодгардида муҳокимаҳои тӯлонӣ сурат гирифтанд. Аз ҷумла, баъди баромади ҳар як маърӯзачӣ устодон андешаҳои худро иброз намуданд.

Дар фарҷом иштирокчиён аз ҷараёни чорабинии мазкур таассуроти мусбат бардошта, баргузории чунин семинарҳои илмӣ-амалиро иқдоми неке баҳри рушд ва такмили илмии олимони ҷавон арзёбӣ намуданд.

**Масъули саҳифа**
**Миралӣ СОБИРОВ**

# ФАРҲУНДА БОД!

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чун даргоҳи бузурги илму маърифат дар омода намудани мутахассисони соҳибтаҷрибаву ватандӯст нақши муассир дорад. Мояи ифтихор ва фараҳбахшист, ки ҳайати устодони унвондор дар факултет дар ҳоли рушду инкишоф қарор дорад. Ҳамзамон санаи 11.09.2020 ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Раҳимзода Муъмин Сайфулло рисолаи номзадии худро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ таҳти унвони «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Искандаров З.Ҳ. ва дар таърихи 15.09.2020 ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии







сарватҳои табиӣ Саидмуродова Таҳмина Аҳадовна рисолаи номзадии худро дар мавзӯи “Проблемаҳои шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт тибқи қонунгузории ҶТ” таҳти роҳбарии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Курбонов Қ.Б. сарбаландона дифоъ намуданд.

Дар ин радиф, ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ Ҷалолов Абдухолиқ Ғайбуллоевич низ санаи 22.09.2020 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи “Тавсифи криминологии ҷиноятҳои занон дар ҶТ” зери роҳбарии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бахриддинзода С.Э. бо муваффақият ҳимоя намуд.

Аз ин рӯ, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ Раҳимзода М.С., Саидмуродова Т.А. ва Ҷалолов А.Ғ.-ро бо ин дастоварди бузургашон дар соҳаи илм самимона табрик намуда, ба эшон фатҳи қуллаҳои баланди илмиву эҷодиро таманно менамоянд.

**Масъули саҳифа**
**Азимҷон ҶУРАЕВ**

# СОАТИ ТАРБИЯВӢ

Ба ҳамагон маълум аст, ки таърихи 11-уми октябри соли равон дар кишвар маъракаи муҳимми сиёсӣ – интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Ба муносибати ин санаи муҳим ва тақдирсоз дар тамоми гӯшаву канори кишвар чорабиниҳои гуногуни ташкиливу тарғиботӣ сурат гирифта истодаанд.

Факултети ҳуқуқшиносӣ дар рӯзҳои аввали эълони санаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои махсусро тарҳрезӣ ва рӯи даст гирифтааст, ки баҳри баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии интихобкунандагон ва дигар масъалаҳои вобаста ба интихоботи қарибулвуқӯъ равона гардидаанд. Аз ҷумла, сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар соатҳои тарбиявӣ доир ба масъалаҳои вобаста ба интихобот маълумотҳои заруриро барои донишҷӯён манзур менамоянд. Чунин дарси тарбиявӣ таърихи 1-уми октябри соли 2020 аз ҷониби сарпарасти курси 2-юми ихтисоси «Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ», муаллими кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Хоҷаева Наргис гузаронида шуд. Дар раванди дарси тарбиявӣ масъалаҳои мухталиф,



аз қабили зарурати баргузор гардидани интихоботи президентӣ, принсипҳои баргузории интихоботи президентӣ, нақши мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ барои дар шакли шаффоф баргузор гардидани интихоботи президентӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Инчунин, бо дарназардошти он ки имрӯз беморин сироятии COVID-19 тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст ва интихоботи президентӣ низ дар ин давраи ҳассос баргузор мегардад, аз донишҷӯён даъват ба амал оварда шуд то дар рӯзи интихобот қоидаҳои муқарраршударо ба таври ҷиддӣ риоя намоянд.



**Бояд қайд намуд, ки чунин соатҳои тарбиявӣ аз ҷониби дигар сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар факултет пайваста баргузор гардида, ба донишҷӯён зарурати риояи қоидаҳои беҳдоштӣ ва иштирок дар маъракаи муҳимми сиёсӣ – интихоботи Президенти ҶТ фаҳмонида мешавад.**

**Масъули саҳифа**
**Некрӯз САФАРЗОДА**

# ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ВА ИШТИРОКИ ОНҲО ДАР ИНТИХОБОТ

**Интихобот василаи муҳим барои ташкили ҳокимияти олии давлатӣ буда, бо овоздиҳии умумихалқӣ сурат мегирад. Интихобот падидаи муҳими сиёсӣ дар низоми давлатдории демократӣ мебошад, ки бевосита иштироки мардум ва ифодаи иродаи халқро дар идора кардани давлат таъмин менамояд. Интихобот дар замони муосир яке аз унсури ҷудонопазири ҳаёти сиёсӣ-ҷамъиятии мамлакатҳои дунё ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ бо роҳбарии сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи давлатдории соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифт. Хушбахтона ин ормонҳои миллӣ дар Конститутсияи соли 1994 расман муқаррар гардида, зина ба зина ташаккул ёфтанд.**

Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногунги сиёсӣ ва мафкуравӣ рушд менамояд. Давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бидуни мавҷудияти гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ вуҷуд дошта наметавонад. Азбаски ҶТ давлати демократию ҳуқуқбунёд мебошад дар асоси ин равияҳо рушд карда истодааст, ки бевосита дар моддаи 8 Конститутсияи Тоҷикистон мустаҳкам карда шудааст, ки: "Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад".

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ яке аз субъектони фаъоли интихоботи Президенти ҶТ махсуб мешаванд.

Ҳизбҳои сиёсӣ қисми ҷудонашавандаи низоми сиёсии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократиро ташкил медиҳанд. Ҳизбҳои сиёсӣ унсури муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, функсияи миёнаравиро дар байни ҷомеа ва давлат иҷро менамоянд ва дарки манфиатҳои шаҳрвандонро дар ҳаёти давлатӣ ба вуҷуд меоваранд.

Дар ҶТ баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мавқеъ ва нуфузи ҳизбҳои сиёсӣ баланд гардид, чунки ташкил ва фаолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси принсипҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ ба роҳ монда шуд. Инчунин 13 ноябри соли 1998 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" қабул гардид, ки мавқеи ҳуқуқии онро ба таври возеҳ муайян намуд.

Ҳамин тариқ, мафҳуми ҳизби сиёсӣ дар моддаи 2 Қонуни болозикр чунин дода шудааст: "ҳизби сиёсӣ чунин иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки вазифаи асосиаш иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба воситаи ташаккул додани иродаи сиёсии шаҳрвандон ва инчунин ба амал баровардани ҳокимият ба воситаи намояндагони худ мебошад".

Тибқи Қонуни мазкур мақсад ва вазифаҳои ҳизби сиёсӣ дар Оинномa ва Барномаи он, ки барои маълумоти умум интишор мешаванд, инъикос меёбанд.

Ҳамзамон, қайд намудан лозим аст, ки дар раванди ҳаёти сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ дар фаолияташон бояд ду вазифаи муҳимро иҷро намоянд: дохилӣ ва берунӣ.

Ба вазифаҳои дохилӣ:

- қабул ва ҷалби аъзои нав ва бо ин роҳ зиёд кардани сафи аъзо;
- пуркудрат кардани базаи молиявии ҳизб аз ҳисоби аъзоҳақӣ;
- танзим намудани муносибатҳо дар байни аъзоёни ҳизб;
- тарбия кардани сиёсатмадорони тавоно ба хотири ишғоли курсиҳо дар сохторҳои ҳокимияти давлатӣ дохил мешаванд.

Ба вазифаҳои берунӣ дохил мешаванд:

- мубориза барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ба манфиати ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ бо роҳи қонунӣ;
- таҳияи идеология, ташаккули афкори ҷомеа ва тарғиб намудани фарҳанги сиёсӣ;
- тайёр кардани пешвоёни сиёсии ҳизб ва иштироки онҳо дар идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ;
- фароҳам овардани имкониятҳо барои иҷтимоӣ шудани инсонҳо;

Дар ҷумҳурӣ айни ҳол ҳозир ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти густурдае доранд. Ҳоло 7 ҳизби сиёсӣ, ки дар Вазорати Адлияи ҶТ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба қайд гирифта шудаанд, фаолият мекунанд:

1. Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон (4 сентябри соли 1991 таъсис ёфтааст);
2. Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон (15 июни соли 1996 таъсис ёфтааст);
3. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (10 декабри соли 1994 таъсис ёфтааст);
4. Ҳизби Ислохоти Иқтисодии Тоҷикистон (соли 2005 таъсис ёфтааст);
5. Ҳизби Аграрии Тоҷикистон (соли 2005 таъсис ёфтааст);
6. Ҳизби Демократии Тоҷикистон (10 августи соли 1990 таъсис ёфтааст);
7. Ҳизби Сотсиал-Демократии Тоҷикистон (соли 1998 таъсис ёфтааст ва соли 2003 ба қайд гирифта шудааст).

Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерин ба танзим даровардa мешаванд: Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ", Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" Қонуни ҶТ "Дар бораи Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Интихобот дар замони муосир ченаки асосии фаъолияти давлат



Далер РОЗИҚЗОДА
ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ

вакилӣ доранд.

Ҳизбҳои сиёсӣ субъекти бевоситаи пешниҳодкунандаи номзад ба мансаби Президенти ҶТ ва дар интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба ҷамоатҳо мебошад.

Дар ҶТ шаклҳои иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот дар моддаи 17 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" чунин нишон дода шудааст: "Ҳизб дар интихобот ба таври зайл иштирок менамояд:

- мустақил;
- бо дигар ҳизби сиёсӣ мувофиқатномаи пеш аз интихоботӣ мебандад;
- бо дигар ҳизбҳои сиёсӣ ба иттифоқҳои интихоботӣ дохил мегардад. Ҳизб тибқи қонунгузорӣ дар бораи интихобот ҳуқуқ дорад:
- мустақилона ва ё аз номи иттифоқҳои интихоботӣ номзадҳо пешбарӣ намояд;
- бо риояи шартҳои баробар ташвиқоти пешазинтихоботӣ барад;
- ба рафти интихобот назорат кунад ва бо тартиби муқарраркардашуда натиҷаҳои онҳоро муайян намояд;
- ба воситаҳои давлатии ахбори умум ва инчунин ба воситаҳои ахбори умум бо иштироки давлат баробар дастрас бошад".

Ҳамин тариқ, мувофиқи қонунгузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз субъектоне, ки ҳуқуқи пешбарии номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ доранд ин ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд. Алакай дар Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ панҷ номзад аз ҳизбҳои сиёсӣ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд, ки шаҳрвандони кишвар бо як масъулияти баланди шаҳрвандӣ рӯзи 11 октябри соли ҷорӣ дар интихобот ширкат намуда, бо тариқи умумӣ, баробар, бевосита ва овоздиҳии пинҳонӣ номзади арзандаро интихоб менамоянд.



# ИНТИХОБОТ – САҲМ ГУЗОШТАН ДАР



Дилшод РАҲМОН
декани факултети ҳуқуқшиносӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор

## 11 ОКТЯБРИ СОЛИ 2020 ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мардуми шарифи Тоҷикистон хуб огоҳ ҳаст, ки дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 11-уми октябри соли 2020 таъин карда шуд. Дар сатҳи баланди демократӣ бо риояи принсипу арзишҳои байналмилалӣ баргузор гардидани ин маъракаи сиёсӣ аз сатҳи иштироки интихобкунандагон, яъне шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин маъракаи сиёсӣ вобаста аст. Дар воқеъ, дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё бавоситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст. Ҳокимияти давлатие, ки сарчашмаи ягонаи он халқи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, дар асоси таҷзияи он ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ сохта мешавад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аслан тавассути интихобот ва ё бо усули таъинӣ таъсис меёбанд. Аз ин бармеояд, ки интихобот аз ҷумлаи чунин зуҳуротест, ки тавассути он фаъолияти қонунии кулли сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешавад. Интихобот аз ҷумлаи чунин василаи сиёсӣ ва ҳуқуқие арзёбӣ мегардад, ки рушди босубот ва муназзами давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин менамояд. Дар шароити давлати ҳуқуқбунёд таъсис ва таъмини фаъолияти ниҳодҳои демократии изҳори иродаи шаҳрвадон, махсусан ширкати онҳо дар интихобот, бояд мақсад ва вазифаи аввалиндараҷаи давлатро ташкил намояд. Мувофиқан, масъулияти шаҳрвандии интихобкунандагон ҷиҳати иштироки фаъоли онҳо дар маъракаҳои интихоботӣ бояд маҳз ба ҳамин навъи зарурият асос ёбад.

## МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДИИ ИНТИХОБКУНАНДАГОН

Модоме, ки дар шароити давлати демократӣ халқ асоси ҳокимияти давлатӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ пазируфта мешавад, интихоби мақомоти калидии мамлакат ба зиммаи ӯ вогузор аст, маҷмӯан идораи мамлакат ба вай вобаста шудааст, таъмини масъулияти шаҳрвандони дорои ҳуқуқи интихоботӣ бобати иштироки фаъолашон дар маъракаҳои интихоботӣ, аз ҷумлаи масъалаҳои умда арзёбӣ мегардад. Шаҳрвандони мамлакат бояд донанд, ки изҳори иродаи онҳо зимни маъракаҳои интихоботӣ, барои ташкили шохаҳои мухталифи ҳокимияти давлатӣ, муайян намудани дурнамои инкишофи давлатдории миллӣ ва тақдири наслҳои ояндаашон, нақши ҳалкунанда дорад.

Интихобот яке аз қадимтарин падидаҳои ҷомеаи башарӣ ва унсури ҷудонопазири ҳаёти сиёсию ҷамъиятии кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб рафта, чун ифодаи олии ҳокимияти халқ, воситаи амалишавии соҳибихтиёрии халқ, василаи қонунӣ гардонидани ҳокимият, роҳи ташаккули мақомоти олии давлатӣ, интихоби шахсони арзанда ба вазифаҳои муҳимми давлатӣ, пайравӣ ва нишон аз арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ доштани давлат маънидод карда мешавад.

## ШАКЛИ ИДОРАИ ПРЕЗИДЕНТӢ

Шакли идораи кишвари мо мувофиқи қисми 2-и моддаи 1-и Конститутсия ҷумҳурии президентӣ аст. Мазмуни моддаи мазкур дар он ифода меёбад, ки Президенти кишвар аз ҷониби шаҳрвандон ба муҳлати муайян интихоб карда мешавад. Интихоб шудани роҳбари давлат ва ташкил шудани мақомоти олии давлатӣ тавассути интихобот аз табиати шакли идораи ҷумҳуриявӣ бармеояд. Яъне ҷумҳурӣ чунин шакли идоракунист, ки дар он мақомоти олии давлатӣ ба муҳлати муайян интихоб мешаванд. Тавассути интихобот шаҳрвандон имкон пайдо менамоянд, ки беҳтарин намояндаи хешро барои иҷрои ормону иродаи худ ба вазифаҳои масъул интихоб намоянд.

Шакли идораи президентӣ дар манотиқи гуногуни дунё дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Аз ҷумла, шакли идораи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анъанаҳои давлатдории миллӣ, нақши ҳалкунандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро таҷассум мекунад. Чунин модели идоракунии давлатӣ, ки ба саҳми ҳалкунандаи Пешвои миллат дар бунёди давлати миллӣ ва рушди он такя дорад, дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон истифода мешавад. Чунончи, шахсиятҳои таърихӣ, ба мисли Мустафо Отатурк, Франклин Рузвелт, Шарл де Гол, Маргарет Тетчер, Гелмулт Кол, Нурсултон Назарбоев ва дигарон дар ташаккулу рушди давладории миллӣ саҳми таърихӣ гузоштаанд. Эмомалӣ Раҳмон низ аз ҷумлаи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ мебошанд, ки дар эъмори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон саҳми ҳалкунанда доранд.



## ТАЪРИХИ ҶАҲОНӢ ШАРҲИ ҲОЛИ ШАХСИЯТҲОИ БУЗУРГ АСТ

Таҷрибаи ҷаҳонӣ борҳо собит намудааст, ки шахсиятҳо дар таърих нақши ҳалкунанда доранд. Афкори башар низ ба ин масъала мунтазам таваҷҷуҳ намудааст. Файласуфи Англия Томас Карлейл дар асараш «Қаҳрамонҳо ва қаҳрамонӣ дар таърих» навишта буд, ки «таърихи ҷаҳонӣ ин шарҳи ҳоли шахсиятҳои бузург аст». Олими амрикоӣ Сидни Хук таъкид мекунад, ки шахсиятҳои таърихӣ на танҳо ба ҳодисаҳои таърихӣ таъсир мерасонанд, балки ташаббускори рабандҳои таърихӣ мебошанд.

14-уми ноябри соли 2016 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» ба имзо расид. Қонуни конститутсионии мазкур вазъи сиёсӣ ва ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун бунёдгузори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бо мақсади таҳкими асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии Ватан, суботу пойдории давлати Тоҷикистон, таҳкими демократия, таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои таърихии давлатдории миллӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон муқаррар мекунад.

Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад». Айни замон мутобиқи тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, ки 26-уми майи соли 2016 дар раъйпурсии умумихалқӣ ворид гардиданд: «Маҳдудияти дар қисми чоруми ҳамин модда пешбинигардида нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат татбиқ намегардад».

Тавре дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» зикр мешавад: «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст». Ҳамчунин, дар Қонуни конститутсионии мазкур зикр мешавад: «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат рамзи пойдориву бардавомии давлатдории мустақили тоҷикон, сулҳу ваҳдати миллӣ, кафили рушди босубот ва устувори ҷомеаи Тоҷикистон мебошад». Тибқи Қонуни конститутсионии мазкур ба сифати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон, ки барои халқи Тоҷикистон хизматҳои бузургу беназир кардааст, эътироф карда мешавад.

## ЭҲЁИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Дар эҳёи давлатдории миллӣ, рушди ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бепоён аст. Ҳаёту фаъолияти Пешвои миллат ҷузъи ҷудонашавандаи таърихи инкишофи босуръати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аст. Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзҳои басо мураккаби ҳаёти мамлакат, дар солҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ, бӯҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки тақдири минбаъдаи тоҷикон муайян мегардид, дар Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон якдилона интихоб гардида, вазифаи Сарвари давлати тоҷиконро ба зимма гирифтанд.

Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1992 то ба имрӯз Сарвари давлати Тоҷикистонро

# ПЕШРАФТ ВА ТАРАҚҚИЁТИ ВАТАН

бо дарки масъулияти баланд дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва ояндаи халқи Тоҷикистон ба уҳда доранд. Дар ин давраи таърихӣ ба ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ хотима гузошта, ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ гузаронида шуда, барои рушди минбаъдаи ҷомеа заминаи кофии иҷтимоӣ-иқтисодӣ муҳайё карда мешавад, ки дар натиҷа сатҳи зиндагии шаҳрвандони Тоҷикистон беҳтар гардида, ҳадафҳои олӣ ва самтҳои стратегии инкишофи давлати Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Ҳамаи қарорҳои дорои аҳамияти стратегӣ дар ин муддат бо ташаббусҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул ва роҳандозӣ карда шуданд. Бо ташаббуси Пешвои миллат Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул шуд. Ҳуҷҷати мазкур бо дарназардошти тағйироти солҳои охир, ки дар кишвар ва ҷаҳон ба амал омадаанд, бахусус таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонии солҳои 2007-2009 ба иқтисодиёти кишвар тартиб дода шудааст. Дар он, инчунин ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Рӯзномаи асри XXI ва Ҳадафҳои рушди устуворро (ҲРУ), ки дар ҷаласаи 70-уми Маҷмааи Умумии СММ моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ шудаанд, ба инобат гирифта шудааст. Диққати асосӣ дар Ҳадафҳои рушди устувор ба консепсияи рушди устувори инсон равона шудааст.

**Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 самтҳои зерини афзалиятноки рушди миллӣ муайян карда мешаванд: 1) ислоҳоти идоракунии давлатӣ; 2) инкишофи бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузорӣ; 3) рушди неруи инсонӣ.**

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон асосгузор ва ташаббускори сиёсати иҷтимоии давлат мебошанд. Бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар силсилаи тадбирҳои муассир дар соҳаи таъмини инкишофи илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, хизмати иҷтимоӣ ба маъюбон, нафақахӯрон, пиронсолон, ятимон, дастгирии оила, ҳаёти солим, сотмони истироҳатгоҳҳо, беморхонаҳо, мактабҳо, донишгоҳҳо, кам намудани сатҳи камбизоатӣ, таъмини аҳолӣ бо оби тоза, паст намудани сатҳи камбизоатӣ, баланд намудани музди меҳнат, нафақа, стипендия амалӣ гардиданд. Бо ташаббуси Пешвои миллат холо самтҳои зерини ислоҳот ва рушди иҷтимоӣ дар мамлакат амалӣ карда шуда истодаанд: ислоҳоти низоми маориф ва илм, таъмини солимии аҳолӣ дар чорчӯбаи сифати зиндагӣ, таҳкимдиҳии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани арзишҳои фарҳангии рафтор, ташаккули муҳити мусоид барои зиндагӣ, коҳишдиҳии нобаробарии иҷтимоӣ. Бо ташаббусҳои Сарвари давлат инноватсияҳо ва салоҳият, ҷалбкунӣ ба раванди таълими бахши хусусӣ, иштироки волидайн дар раванди таълим, идоракунии самарабахш дар асоси алоқаи мутақобила, алоқаи зич бо бахши воқеии иқтисодиёт ҳамчун захираҳои калидии рушди низоми маориф ва илм эълон карда шудаанд.

## ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар эҳёи мероси фарҳанги миллӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии халқ, тарбияи насли нави ҷавонони Тоҷикистон саҳми арзанда доранд. Бо ташаббуси Президенти кишвар, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон ба макони муколамаи фарҳангӣ ва тамаддунӣ табдил ёфт. Бо супориши Сарвари давлат соли 2016 рӯйхати объектҳои фарҳангии таърихӣ, ки 3 ҳазору 47 объектҳои моддии таърихиву фарҳангиро дар бар мегирад, тартиб дода шуд. Бо саъю талошҳои Пешвои миллат ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ, аз қабили Саразм, Ҳисор, Панҷакент, Бунҷикат, Тахти Сангин, Ҳулбук, қалъаҳои Ямчун, Қаҳқаҳа ва дигар шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо мекунанд. Бо саҳми Сарвари давлат чор мамнуъгоҳи таърихӣ-фарҳангӣ, Осорхонаи миллӣ, Китобхонаи давлатӣ ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ бунёд карда шуданд ва шуда истодаанд, беш аз 50 ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ барқарор карда мешаванд. Аз ҷумла, корҳои барқароркунӣ дар мақбараҳои Рӯдакӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Зайналобидин, Абулқосими Гургонӣ, Мавлоно Тоҷиддин, Мавлоно Обиддин, дар масҷидҳои Чилсутун, Сангин, мадрасаҳои Ҳоҷи Машҳад, Рустамбек, қалъаҳои Ҳулбук, Ҳисор, Вомар ва ғ. гузаронида мешаванд. Ду объекти таърихии фарҳангӣ – шаҳраки Саразм ва Боғи миллии Тоҷикистон «Кӯҳҳои Помир» ба рӯйхати Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил карда шудаанд. Объекти дигари таърихӣ ва фарҳангӣ, аз қабили шаҳракҳои Панҷакенти қадим, Бунҷикати қадим, Тахти Сангин, Ҳулбук, шаҳри Ҳисор, мадрасаи Ҳоҷа Машҳад, ибодатгоҳи буддоии Аҷинатеппа, қалъаҳои Ямчун, Хуҷанд, ёдгориҳои Ашт, ёдгориҳои таърихии Шайх Муслиҳиддин, Мадрасаи Ойим, Мадрасаи Мир Раҷаб Додхоҳ барои ворид намудан ба рӯйхати Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО пешниҳод карда мешаванд. Бо ташаббусҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии афзалиятноки фаъолият бо мақсади баланд бардоштани арзишҳои фарҳангии рафтор, аз қабили модернизатсияи низоми дастгирии давлатии соҳаи фарҳанг ва санъат, нигоҳ доштани гуногунии фарҳангию забонӣ, рушди сармояи инсонии ҷавонон, таҳкими неруи эҷодии онҳо ва мусоидат ба ошноӣ пайдо кардан ба дастовардҳои соҳаи фарҳангу санъат, ташаккул додани маданияти фарҳангӣ соҳибкории инноватсионӣ, таъмини рушди фазои ягонаи фарҳангии мамлакат дар заминаи ҳифз, эҳё ва рушди анъанаю суннатҳои миллӣ, дастовардҳои фарҳанги миллии замони истиқлол ва арзишҳои умумибашарӣ муайян карда шудаанд.

Бо ташаббуси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон нигаҳдории ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, беҳсозии некӯаҳволии мардум ба ҳайси афзалиятҳои рушди оянда дарозмуҳлати Тоҷикистон муайян карда шуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо як қатор ташаббусҳои муфид оид ба истифодаи оқилонаи об аз минбари СММ баромад намуд. Ин ташаббусҳои Сарвари давлати Тоҷикистон аз тарафи ҷомеаи башар якдилона пазируфта шуданд. Аз ҷумла, бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи СММ «Соли байналмилалии оби тоза» (с. 2003), даҳсолаи байналмилалии «Амалиёт об барои ҳаёт» (солҳои 2005-2015), «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» (соли 2013) эълон шуданд. Соли 2013 Созишномаи байни давлатҳо-аъзои ИДМ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла истифодаи оқилонаи об имзо гардид. Моҳи декабри соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон СММ солҳои 2018-2028-ро даҳсолаи «Об барои рушди устувор» эълон намуд. Ташаббуси мазкур аз тарафи Сарвари давлати Тоҷикистон дар Форуми ҳафтуми байналмилалии об, ки 12-17-уми апрели соли 2015 дар Кореяи Ҷанубӣ доир гардида буд, ба маълумоти ҳама расонида шуд. Амали даҳсола 22 марти соли 2018 дар Рӯзи байналмилалии захираҳои об оғоз гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади худ дар Иҷлосияи 72-юми Маҷмаи умумии СММ 20-уми сентябри соли 2017 бо ташаббусҳои нав оид ба таъсиси Маркази махсуси ҳамоҳангсозии фаъолият дар бахши амалӣ намудани даҳсолаи «Об барои рушди устувор» ва баргузор намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ин масъала дар соли 2018 дар ш. Душанбе баромад намуданд.

Мақсад аз гуфтаҳои фавқуззикр аз он иборат аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз замоне, ки масъулияти роҳбариро бар дӯш гирифтанд то имрӯз тамоми ҳастии худро барои оромиву ободӣ ва муаррифии давлату миллати тоҷик сафарбар намуда, имрӯз ҳамчун номзади арзанда дар интихоботи президентӣ иштирок менамояд.

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки интихоботи дарпешистода омили муҳим ва навбатии таҳкими бештари ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, густариши демократия, таъмини зиндагии арзандаи сокинони кишвар, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии кишвар, таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, пойдориву бардавомии давлат, роҳи асосии муттаҳидкунандаи миллат ба нафъи пешрафту шукуфоии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Интихобот ҳамчун маъракаи муҳимми сиёсӣ аз ҳар як шаҳрванди кишвар ба хотири рушду ободии фардои мамлакат ва осоиши наслҳои оянда фарҳанги баланди сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро тақозо менамояд.**

Натиҷаи баргузории интихоботҳо дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди озод ва ихтиёрӣ будани иштироки шаҳрвандон дар интихобот, фоизи иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон дар ин маъракаҳои муҳимми сиёсӣ тамоюли болоравиро дорад. Чунин амали шаҳрвандон албатта падидаи нек аст. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳалли муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти сиёсии кишвар, низоми идоракунӣ ва давлатдорӣ аз боби масъулиятшиносӣ ва иҷрои қарзи шаҳрвандӣ дар назди давлату миллат кор гирифта, муҳим будани овози худро барои таъмини пешрафт ва дурнамоии дурахшони Ватани маҳбубамон беш аз пеш дарк намудаанд. Пас ҷои ифтихор аст, ки фарҳанги ҳуқуқии интихобкунандагон сол аз сол боло рафта истодааст. Яқин аст, ки онҳо интихоботро на танҳо ҳамчун як василаи амалишавии ҳуқуқҳои сиёсии худ, балки воситаи асосии саҳм гузоштан дар ҷодаи идоракунии ҳаёти сиёсии ҷомеа пазируфтаанд. Онҳо эҳсос кардаанд, ки дарёфти роҳи дурусти пешрафт ва тараққиёт дар Тоҷикистон маҳз аз интихоби дурусти онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, боисрор бояд таъкид сохт, ки интихоби дуруст омили ҳама гуна пешравиҳост.

Боварии комил дорем, ки шаҳрвандони кишвар бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва масъулияти бузурги шаҳрвандӣ дар ин маъракаи муҳимми сиёсӣ иштирок намуда, ба ҷонибдории номзади арзандаи худ, шахсияте, ки тамоми вуҷуди худро барои давлату миллати тоҷик бахшидааст, нафаре, ки Тоҷикистонро ором ва халқи онро ба ҷаҳониён муаррифӣ намудааст – Эмомалӣ Раҳмон овоз медиҳанд.



# ЗОДРӮЗАТ – ЗОДРӮЗИ МИЛЛАТ

Эмомалӣ Раҳмон 5 октябри соли 1952 дар ноҳияи Данғараи Тоҷикистон ба дунё омадааст. Дар таърихи давлатдории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон шахсиятҳои таърихиву барҷаставу номбардоре вомехӯранд, ки онҳо дар марҳалаву вазъиятҳои барои кишварашон мураккабу хасос ба арсаи сиёсат омада, суботу осоиштагӣ ва роҳи рушди минбаъдаи мамлак,ати худро муайян намуда, дар болоравии обрӯву мақоми давлаташон нақши абадӣ гузоштаанд. Яке аз ин шахсиятҳои бузург Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон марди олиму оқилу фозилу хирадмандест, ки давлатро аз фаноёбӣ наҷот дода, мардумро атрофаш муттаҳид ва ба қалби мардумаш шуълаи умедро бедор ва бо қадамҳои қатъӣ ба сулҳу осоиш, рушду суботи минбаъда хидоят намуд.

Дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун шахси сулҳофару сулҳпарвар, сарҷамъкунандаи миллату мардумсолор, амалисозандаи заҳматҳои ояндабинона бахри рушду нумӯъ ва ободии Ватану фароҳам овардани шароити арзанда барои мардуми кишвар, ташаббускори ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохта шудани Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистонро на танҳо сокинони кишвар, инчунин ҷаҳониён эътироф намудаанд, ки ба андешаи ман барои тасдиқу исботи ин гуфтаҳо зарурат надорад, зеро тавре халқ мегӯяд: «Он чи ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест».

Шахсиятҳои ҷаҳонӣ дар бораи Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтаанд:



**ВЛАДИМИР ПУТИН, Президенти Федератсияи Россия:** "Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷаста буда, дар байни сиёсатмадорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Ин беҳуда нест. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ мамлакате, ки чунин вазъияти муташанниҷ дошт, дида намешуд. Ҳар он чи оид ба ин масъала дар Тоҷикистон амалӣ гардидааст, мисоли хубест барои бисёр халқҳову мамолики дигар".



**ЖАК ШИРАК, собиқ Президенти Фаронса:** "Мардуми Фаронса ҳеҷ гоҳ мавқеи устувори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба фарҳанги ғанӣ ва бузурги сиёсиву маънавии халқи тоҷик такя мекунад, фаромӯш нахоҳад кард".

**АҲМАДШОҲИ МАСЪУД, Қаҳрамони миллии Афғонистон:** "Истиқлолият ба



Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – ин сиёсатмадории дараҷаи ҷаҳониро дод. Имрӯз ӯ машҳуртарин фарзанди Тоҷикистон ва тамоми тоҷикони ҷаҳон ва дӯсти ҳақиқии Афғонистон аст".

**РАҲМОН НАБИЕВ, собиқ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:** "Баъд аз он ки ман ба истеъфо рафтам, дар бораи имрӯзу фардои Ватан ва халқи ҷафокашидаи хеш бисёр андеша мекардам. Вале, вақте ки дар симои Эмомалӣ Раҳмон як инсони наҷиб ва сиёсатмадори хирадмандро кашф намудам, бовариам ба фардои неки Тоҷикистон комил шуд, зеро халқи Тоҷикистон тақдири худро ба дастони эътимодбахш супурдааст".



**АЛЕКСАНДР ЛУКАШЕНКО, Президенти Ҷумҳурии Белорус:** "Тоҷикони сарбаланду меҳнатдӯст, боистеъдод ва меҳмоннавоз воқеан ҳам бо ҳамватани худ – Эмомалӣ Раҳмон ифтихор мекунанд. Он сиёсати оқилона, ки ин мард пеш мебарад, бори дигар такрор мекунам, ки мамлакаташро ҳифз намуд, ба ин замин



сулҳу осоиш овард. Ва инро на танҳо шумо қадр мекунед. Мо ҳама аъзои ИДМ ин хидмати наҷибро қадр мекунем, зеро сулҳу осоиш дар замини шумо – сулҳу осоиш ҳам дар Беларуси мо, ҳам дар Россия, ҳам дар дигар давлатҳо мебошад".

Бо ифтихору қаноатмандӣ зикр бояд сохт, ки маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи



**Умед МУРОДЗОДА,**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу субот, ваҳдати миллӣ дар кишвар таъмину пойдор гардид, заминаҳои воқеӣ ва мустаҳкам бахри бунёди поҳои давлатдории муосир ва инкишофи бемайлони ҷомеа гузошта шуд, ки боиси падид омадани як давлати воҳид, рӯ ба инкишоф ва дар низоми байналмилалӣ соҳибмақом гардид.

Бегуфтугӯ, тамоми тоҷикони рӯи олам аз Эмомалӣ Раҳмон розӣ ва сипосгузоранд. Ин ҷо, зикри рақами 68 – ро, ки аз лиҳози моҳият низ мақому манзалати баландро доро буда имсол Роҳбари оқилу хирадманди мо ба ин сину сол мерасанд, мувофиқи мақсад дониста, таманниёти бепоёни аҳли кишварро тариқи мисраъҳои зайли адиби тоҷик Камол Насрулло бозгӯйӣ менамоем:

**Эй ки хусни рӯзгорӣ,**
**зинда бош!**
**Файзу эҳсони баҳорӣ,**
**зинда бош!**
**Зодрӯзат зодрӯзи бахти мост,**
**Эй ки моро зинда дорӣ,**
**зинда бош!**
**Зодрӯзат зодрӯзи миллат аст,**
**Эй ки эҳёи диёрӣ, зинда бош!**

# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ПОЯНДАГИИ СУЛҲ



**Мухташам КАРИМЗОДА,**
**донишҷӯи соли 1**

Таърих исбот намудааст, ки ҳар халқу миллат ба худ шахсиятҳои арзандаро доро мебошад. Маҳз тавассути шахсиятҳои бузурги таърихӣ давлатҳо бунёд гардида, ба сатҳи баланди инкишофу тараққиёт мерасанд. Воқеан, ин гуна нафарони сарсупурда ҳамеша аз ҷониби халқу миллатҳо иззатёб гардида, нақши онҳо дар қалби ҳар як нафар ҷой мегирад. Агар мо ба таърихи миллат ва давлатдории худ назар афканем, мушоҳида менамоем, ки шахсиятҳои бузурги таърихӣ барои сарҷамъии миллат ва ташкили давлати тоҷикон саҳмгузор ҳастанд. Аз қабили Куруши Кабир, Спитамен, Исмоили Сомонӣ, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шохтемур, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва дигарон барои бунёди давлатдории тоҷикон нақши бориз худро гузоштаанд. Ҳамон тавре ки Мустафо Отатурк барои миллат турк, Франклин Рузвелт барои амрикоиҳо, Шарл де Гол барои фаронсавиҳо, Маргарет Тетчер барои англисҳо, Гелмулт Кол барои олмониҳо, Нурсултон Назарбоев барои қазоқҳо хизматҳои шоёни таърихӣ анҷом додаанд. Ҳамагӣ қаҳрамонони миллатҳо ҳастанд.

Миллат тоҷик ва мардуми Тоҷикистон дар охири қарни ХХ, ки ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ниёз ба шахсияти бузург ва қаҳрамоне дошт, ки ин миллат ва давлатро вартаи нестшавӣ раҳонад. Воқеан чунин шахсияти бисёр бузурги таърихиро миллати тоҷик савор гардид ва он ба сари ҳокимият омад. Агар ба таърих бо чашми дил нигарем ва холисона баҳо диҳем, ин шахсият камие аз дигарон надошт. Чунки миллатро аз нестӣ ва давлатро аз парокандагӣ наҷот дод. Ин шахсият Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

Барои чӣ мо бо як эътимоду боварӣ ба Пешвои миллат менигарем ва боварӣ дорем, ки воқеан шахсияти арзандаи таърихӣ мебошанд ва дар ҳеҷ ваҷҳ намегузоранд, ки мо миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон дубора сарсону саргардон шавад:

1. Дар раванди барҳамхӯрии ҳокимияти шӯравӣ бо дасисаҳо ва дасти хориҷиёну ватанфурушон мамлакат ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Касе ба доди миллату давлат намерасид, ҳазорҳо қурбон мешуданд, аммо ғами касе набуд. Маҳз Пешвои миллат ба сари ҳокимият омад ва миллатро сарҷамъ намуд;
2. Кувваҳои мусаллаҳи ҶТ-ро таъсис доданд, ки ба муқобили душманони миллат мубориза баранд, то ки суботу оромӣ дар кишвар пойбарҷо гардад.
3. Бо роҳбарии ӯ низоми қонунгузории ҶТ бунёд гардид. Яъне Конститутсияи ҶТ бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ки барои бунёди давлати ҳуқуқбунёд заминаи мусоидро фароҳам овард;
4. Барои бастани созишномаи сулҳ ва бунёди сулҳи ҷовидонӣ тамоми талошҳоро анҷом дод, ки сулҳу субот дар кишвар баркарор гардад. Ба мансабталабон ва хотири гузашт намуданд, ба хотири фардои дурахшони миллат, аммо таҷриба нишон дод, ки нафари хоин ба ҳеҷ ваҷҳ ислох намешавад;
5. Аввалин суханашон "Ба Ватан баргардонидани тамоми гурезагон" буд, ба ваъдаи худ содиқ монданд;
6. Низомии иқтисодии ҷумҳурӣ устувор гардид ва барои ҳар як шаҳрванд сатҳи зиндагии арзанда фароҳам оварда шуд;
7. Қариб бо тамоми давлатҳои дунё ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориро бунёд намуд, ки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мусоидати бузург аст.

Бо шарофати ин абармарди таърихӣ давлати азизу маҳбуби мо яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати орому осуда давлате, ки дар арсаи байналмилалӣ онро мешиносанд, гаштааст. Воқеан он талошу кушишхое, ки Исмоили Сомонӣ барои бунёди давлати тоҷикон – Сомониён анҷом додааст, дар амалу кирдор ва талошҳои Пешвои миллат барои бунёди давлати навини тоҷикон – Тоҷикистон дида мешавад.

Албатта, ин хизматҳои бебаҳои ин шахсият буд, ки ин марди шуҷоъу далерро миллат боз ҳам пешвои худ хонданд. Ва ман ҳамчун як шаҳрванди ин мулку кишвар пайрави Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошам.

Хулоса, дар ҳақиқат ин шахси тавоно ба ин вазифаи олӣ, яъне Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзанда мебошанд. Ин дӯстдории самимии мо ҷавонон бесабаб нест, зеро сулҳу ваҳдати ҳамешагӣ, пояндагии миллат, истиқлолияти ватани азизамон ва пешрафту ободиҳо ба ин шахсияти таърихӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

**Сифатнокии қонунгузорӣ аз забони он вобастагии калон дорад. Забони қонунгузорӣ бояд ба сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мутобиқат намуда, онро пайгирӣ кунад. Дар сурати номутобиқатии забони қонунгузорӣ ба дараҷаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мушкилотҳои муайян ба миён меоянд. Қонунгузор дар ҳама маврид диққати асосии худро бояд ба он равона намояд, ки забони қонунгузорӣ, махсусан истилоҳот ва матни дар қонунгузорӣ зикршуда барои оммаи халқ содда, фаҳмо ва возеҳ бошад. Мутобиқатии забони қонун ба сатҳи дахлдори маърифати ҳуқуқии аҳолӣ худ боиси ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон мегардад.**

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА ЗАБОНИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Ҳуқуқ падидаест, ки бо забон алоқаи зич дорад. Пайдоиш, ташаккул ва умуман мавҷудияти ҳуқуқ бидуни забон ғайриимкон аст. Забон ягона мавод (маҷмӯи маълумот), унсури ибтидоӣ мебошад, ки бо он ҳама гуна матнҳо ва категорияҳои ҳуқуқӣ таҳия ва ба расмият дароварда мешаванд.

Риояи қоидаҳои забонӣ ва услубӣ намуди алоҳидаи техникаи қонунгузорӣ буда, аз дуруст риоя кардани онҳо самаранокӣ ва сифатнокии қонун вобаста аст. Тибқи моддаи 6-и Қонуни ҶТ “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 5 октябри соли 2009, №553 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо забонҳои дигар тарҷума карда мешаванд. Ҳамзамон, моддаи 49-и Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30 майи соли 2017, №1414 муқаррар намудааст, ки матни санади меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ қабул карда мешавад ва матни санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо риояи услуби расмии забони адабӣ, сода ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд. Аз муқаррароти мазкур бармеояд, ки забони ифодаи матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ забони давлатӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми таҳияи санадаҳои меъёрии ҳуқуқӣ қоидаҳои усулуби забони адабӣ бояд риоя карда шавад.

Забони қонунгузорӣ ин забони расмии адабӣ мебошад, ки зимни ифодаи ҳуҷҷати маводи меъёрӣ дар матни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешавад. Забони қонунгузорӣ низоми истилоҳоте мебошад, ки ҳангоми таҳияи матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мегарданд.

Дар адабиёти илмӣ як қаттор хусусиятҳои забони қонунгузорӣ муайян карда шудааст, аз ҷумла, хусусияти расмӣ доштани он, алоқамандӣ ва пайдарҳамӣ, фаҳмо ва сода, дақиқ, ифодаи муайян ва ғайра. Аз ин бармеояд, ки яке аз хусусиятҳои асосии забони қонунгузорӣ сода, оммафаҳм, мушаххас ва дақиқ будани он ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба сифатнокии қонун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат қайд менамояд, ки “ба субъектони ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла, вакилони парламент зарур аст, ки сифати қонунҳои амалкунанда ва ба сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мутобиқ будани онҳоро мунтазам таҳлил карда, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи рӯз мувофиқро таҳия намоянд”. Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми сифатнокии қонунҳо ин сода, равону фаҳмо ва оммафаҳм будани онҳо маҳсуб мегардад.

## ЗАБОНИ ҲУҚУҚ

Дар илми ҳуқуқшиносӣ забони қонун ва забони ҳуқуқро аз ҳам ҷудо менамоянд. Забони ҳуқуқ ин натиҷаи коркарди илмии муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқшиносӣ мебошад. Забони ҳуқуқ аз сатҳи ҷаҳонбинӣ, маърифати ҳуқуқии олимони ҳуқуқшинос вобаста аст, яъне ҳамеша дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ инкишоф меёбад ва истилоҳот, категория, падидаҳои нави ҳуқуқиро эҷод менамояд.

## ЗАБОНИ ҚОНУН

Забони қонун бошад, ин натиҷаи ба талаботи техникаи қонунгузорӣ мутобиқ намудани истилоҳот ва падидаҳои дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ коркардшуда ва бо риояи қоидаҳои техникаи қонунэҷодкунӣ ифодаи онҳо дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Забони қонун метавонад дар ҳамоҳангӣ бо забони ҳуқуқ дар сатҳи баланд рушд намояд, аммо он бояд саравval ба талаботи техникӣ-ҳуқуқии забонӣ ва услубӣ мувофиқат кунад, махсусан матни санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд барои аҳолӣ сода, равону фаҳмо ва оммафаҳм мебошад.

Бо ҳамин назардошт, забони қонун бояд сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолиро пайгирӣ намояд. Маҳаки асосии муайян намудани дараҷаи сода ва оммафаҳм будани қонунгузорӣ ин маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ падидаҳо ва истилоҳоти хоси ба соҳаи ҳуқуқшиносӣ мувофиқ коркард карда мешаванд, ки имконияти дарки воқеии мазмуни онҳоро танҳо мутахассисони ҳамин соҳа доро мебошанд. Аз ҳамин сабаб, он таҳқиқоти илмие, ки барои дар қонунгузорӣ ворид намудани онҳо қобили қабул шуморида мешавад, бояд ба талаботи қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии забони қонунгузорӣ, махсусан сода, оммафаҳм ва мушаххас будани истилоҳот мутобиқ карда шавад.



Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА
магистри соли 1

Қонун танҳо дар мавриде натиҷа медиҳад, ки агар он ба сатҳи шуур, маданият ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ созгор бошад ва аксари аҳолӣ имконияти дарки истилоҳоти дар он ифодашударо дошта бошанд. Оммаи мардум бояд матни дар қонунгузорӣ ифодашударо то ҳадди имкон бидуни воситаҳои ёрирасон, ба монанди тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, кумаки мутахассисони касбӣ имкони дарк кардан дошта бошанд.

Махсусан дар муносибатҳои соҳаи хусусӣ бояд ба талаботи забонӣ ва услубӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад. Дар муносибатҳои соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ, ки манфиатҳои шахсони алоҳидаро ҳифз менамоянд, субъекти асосии истифодаи ҳуқуқ худи шахсон ба ҳисоб мераванд ва ҳуқуқу манфиатҳои худро метавонанд бидуни ёрии мақомот ва шахсони мансабдор амалӣ намоянд. Аз ҳамин лиҳоз, санадҳои қонунгузорие, ки дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ таҳия карда мешаванд, ба шахс бояд имконият диҳанд, то аз қонун мустақилона ҳуқуқу манфиатҳои худро пайдо намояд ва мазмуни онҳоро сарфаҳм равад. Дарки дуруст ва воқеии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз тарафи аксарияти аҳолӣ ба бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва давлати ҳуқуқбунёд заминаи хуберо фароҳам меоварад.

Истилоҳоти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои оммафаҳм тартиб дода шавад. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи истилоҳоте, ки дарки онҳо мушкил аст, мувофиқи мақсад намебошад. Оммавӣ будани истилоҳоти қонунгузорӣ маънои онро дорад, ки мазмуни истилоҳот ва ибораҳои дар қонунгузорӣ ифодашаванда аз тарафи аҳолӣ бе кумаки ягон воситаи ёрирасон дарк карда мешаванд.

Оммавияти истилоҳоти дар қонун ифодашаванда бо роҳҳои зерин таъмин карда мешавад:

-дар қонунгузорӣ ифода намудани истилоҳот ва мафҳумҳое, ки аз тарафи аҳолӣ фаҳмиши дурусти онҳо аз имконият дур намебошад;

-қонунгузор дар ҳама маврид зимни таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ диққати асосиро бояд ба одӣ, мушаххас ва соддагии ифодаи забонии қонунгузорӣ равона намояд;

-қонун танҳо дар мавриде ба мақсадҳои қабули худ ноил мегардад, ки агар оммаи мардум имконияти дарки пурраи мазмун ва моҳияти меъёрҳои онро дошта бошанд;

-дар ҳама санадҳои қонунгузорӣ бояд мафҳумҳои асосӣ ва истилоҳот шарҳ дода шаванд.

Сода, оммавӣ, возеҳ ва мушаххас будани забони қонунгузорӣ талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ буда, дар қонунгузорӣ ба сифати шарти зарурӣ ва ҳатмӣ пешбинӣ гардидаанд. Риояи талаботи мазкур омили муҳимми таъмини пурраи волоияти қонун, баланд гардидани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва давлати ҳуқуқбунёд, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, иҷро намудани ухдадориҳои ҳуқуқӣ аз тарафи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, самаранокӣ ва таъсирнокии қонунгузорӣ ба шумор меравад.

# ИНТИХОБОТ ДАР ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТӢ



Исломҷон ЗИЁВАДДИНОВ
магистри соли 1

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти комили сиёсии хеш, роҳи бунёди ҷомеаи воқеан ҳам демократиро пеша намуд ва худро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон кард. Дар Конститутсияи ҶТ беҳтарин арзишҳо ҷойгир карда шудаанд, ки онҳо баҳри зиндагонии шахс имкониятимусоидеро фароҳам овардаанд. Воқеан ҳам, яке аз низоми беҳтарине, ки барои амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд шароити созгор фароҳам меоварад, ин низои демократӣ мебошад ва башар то ба ҳол аз демократия дида, низоми беҳтареро рӯи кор оварда натавонистааст. Аз ин рӯ, бо мақсади объективона дар амал татбиқ намудани ин низом аз институтҳо махсус истифода мебаранд, ки он маҳз василаи асосии амалигардонии демократия дар ҷомеа мебошад. Яке аз чунин падидаҳо интихобот ба шумор меравад. Интихобот воқеан ҳам, ин шакли олии изҳори иродаи халқ башумор меравад.

Дар ҶТ халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот мебошад. Ҳуқуқи дар интихобот ширкат варзидан аз вазъи сиёсии шаҳрванд вобаста буда, тавассути




он соҳибихтиёрии халқ пурра инъикос меёбад. Маъракаи интихобот ягона чорабинии сиёсиест, ки дар он ҳамаи қишрҳои ҷомеа, аҳолии маҳалҳо ва тамоми мамлакат дар он ширкат меварзанд ва бо ҳамдигар дар як сатҳ қарор дошта, ҳар як шахс як овоз дорад, ки он метавонад ҳалкунанда бошад. Зеро маҳз институти мазкур шароит фароҳам меоварад, то ин ки ҳамаи қишри ҷомеа дар раванди идоракунии давлат тавассути намояндагони худ иштирок намоянд.

Баргузор намудани интихобот дар ҳошияи меъёрҳои муқарраргардида ва принсипҳои он роҳи асосии дастёб гардидан ба мақсадҳои гузошташуда мебошад. Принсипҳои асосии ҳуқуқи интизоботӣ ин умумӣ, бевосита, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ башумор меравад. Дар Конститутсияи ҶТ меърҳои мушаххасе вобаста ба интихобот бахшида шудаанд (м.27 Конститутсия) ва бо мақсади пурра намудани меъёри зикршуда, дар кишвар қонунҳои соҳавӣ ба монандӣ: Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳалии вакилони халқ”, Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда шудаанд.

11-уми октябри соли ҷорӣ барои халқи барӯманди тоҷик боз як рӯйдоди хеле муҳим ва ҳалкунанда хоҳад буд, ки маҳз дар ин сана мо тақдири минбаъдаи худ ва фарзандонамонро интихоб хоҳем кард, зеро дар ин сана интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аз ҳамаи ҷавонони саодатманди диёри нозанин даъват баамал меоварем, дар бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва соҳибистиқлоли Тоҷикистони азизамон саҳмгузор бошанд.

# ИШТИРОКИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ ДАР










Ба мардуми шарифи Тоҷикистон маълум аст, ки санаи 6-уми августи соли 2020 бо қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми октябри соли 2020 Рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шуд.

Ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор намудани ин чорабинии миҳимми сиёсӣ аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барнома-чорабиниҳо омода ва роҳандозӣ карда шудаанд. Алалхусус, аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ гурӯҳҳои корӣ иборат аз коршиносони КМИР ва дигар мутахассисони соҳа ба шаҳру навоҳии кишвар вобаста ба шарҳу тавзеҳи қонунгузории интихобот ва омодагии ҳавза ва участкаҳои интихоботӣ сафарбар гардиданд. Баргузор намудани семинарҳои омӯзишӣ ва шарҳу тавзеҳи қонунгузории интихоботӣ тафаккури ҳуқуқии интихобкунандагонро баланд бардошта, барои иштироки фаъолонаи онҳо дар ин чорабинии муҳимми сиёсӣ нақши муассирро мугузорад. Бояд зикр намуд, ки дар баргузор намудани семинарҳои омӯзишӣ ва фаҳмондани қонунгузории интихоботӣ ба интихобкунандагон нақши устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ назаррас маҳсуб меёбад. Зеро, зиёда аз 32 нафар омӯзгорони факултет ба сифати коршиноси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуда, дар чорабиниҳо бахшида ба ин маъракаи муҳимми сиёсӣ фаъолона иштирок намуда истодаанд. Аз ҷумла, устодони факултет се маротиба таърихи 9-15-уми август, 15-22-юми сентябр ва 3-6-уми октябр ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сафар намуда, бо интихобкунандагон дидору мулоқот карда, моҳияти қонунгузории интихоботӣ ва раванди омодагии ҳавзаҳои интихоботиро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор доданд. Инчунин, зиёда аз 20 нафар омӯзгорони дигари факултет дар баргузории сухбату вохӯриҳо тавассути воситаҳои ахбори омма ширкат карда истодаанд.

Дар асоси нақша-чорабинии ҳамкории мувофиқагардида бо вазорату идораҳои ҷумҳурӣ оид ба сухбату вохӯриҳо бо аҳолии шаҳру ноҳияҳо, бахусус занон ва ҷавонон вобаста ба иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани рӯҳияи худогоҳию хештаншиносӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва фаъолона ширкат варзидан дар маъракаи интихоботӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, террористӣ ва экстремистӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ аз 9 то 15-уми августи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ, ки дар онҳо устодони факултет иштироки фаъолона доштанд, семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуд. Дар баробари ин, ҳайати гурӯҳҳои корӣ аз биноҳои барои ҳавзаҳои интихоботӣ ҷудогардида дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дидан намуда, бо аъзои комиссияҳои ҳавзавии интихобот сухбатҳо доир карда, барои муҷаҳҳаз гардонидани утоқҳои корӣ, насб намудани навиштаҷотҳо, гӯшаҳои иттилоотӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои интихоботӣ дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Инчунин, аз 15 то 22-юми сентябри соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ семинар-машваратҳо баргузор карда шудаанд, ки дар онҳо масъалаҳои мухталифи вобаста ба интихобот, масоили таъмини амният ва тартиботи ҷамъиятӣ, роҳҳои фаъолгардонии занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва ғ. мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамзамон, зимни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳуҷҷатгузорӣ ва дигар масъалаҳои омодагии ҳавза ва участакаҳои

# ЧОРАБИНИҲОИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ













интихоботӣ ба ин маъракаи муҳимми сиёсӣ санҷида шуда, ба онҳо дар ин самт кӯмаки амалӣ расонида шуд.

Бо дарназардошти он, ки шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба сифати маркази асосии баргузории ин маъракаи муҳимми сиёсӣ маҳсуб меёбанд ва аксарияти мушоҳидони байналмилаливу коршиноси хориҷӣ дар ин ҷо қарор мегиранд, аз 4 то 7-уми октябри соли 2020 раванди омодагии ҳавзаҳои интихоботии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Шоҳмансур, Сино ва Фирдавсӣ аз ҷониби як зумра устодони факултет ва гурӯҳҳои корӣ мавриди санҷиш қарор дода шуданд. Гурӯҳи корӣ аз тамоми ҳавзаҳои интихоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дидан намуда, бо масъулин мулоқот анҷом дода, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дастуру супоришҳои муфид доданд.

Дар умум метавон иброз намуд, ки зимни сафари корӣ аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ ва устодони факултет чунин масъалаҳо дар ҳавза ва участкаҳои интихоботӣ санҷида шуданд: мавҷуд будани қарори КМИР дар бораи таъсиси ҳавза, ободонии макони ҷойгиршавии комиссияҳои интихоботӣ ва равшану озода будани онҳо, мавҷудияти телефон ва факс, омода будани муаррифинома (бейҷик)-ҳо барои аъзои комиссияҳои интихоботӣ, мизу курсиҳо, маводи корӣ (конселярӣ), мавҷудияти нақшаи тақвимӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, мавҷуд будани қарори комиссияҳо оид ба тақсими вазифаҳо, реҷаи корӣ ва навбатдорӣ, гӯшаи иттилоотӣ, ҷузъгири мактубҳо ва қарорҳои аз КМИР воридшуда, ҷузъгири қарорҳои комиссияи ҳавзавии интихобот, дафтари бақайдгирии ташрифи намояндагони субъектҳое, ки номзадҳоро ба мансаби Президенти ҶТ пешбарӣ кардаанд, дафтари бақайдгирии ташрифи мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ, ҷузъгири ҳуҷҷатҳо оид ба интихобот, дафтари қайди воридоту содироти ҳуҷҷатҳо, дафтари бақайдгирии ташрифи шаҳрвандон ва арзу шикояти онҳо, муҳрҳои ҳавза ва участкаҳои интихоботӣ, андешидани чораҳои беҳдоштӣ ва таъмини маводи антисептикӣ, риояи фосилаи иҷтимоӣ, ташкили муҷаҳҳаз гардонидани хонаи модару кӯдак ва ҳуҷраи тиббӣ, азназаргузаронии ҳуҷраҳои овоздиҳии пинҳонӣ, ташкили шебароҳ (пандус) дар даромадгоҳи биноҳо, пешбинӣ намудани ҳуҷраи махсуси овоздиҳӣ барои шахсони камтавон (маъюб), ташкили нишонаҳои сарироҳӣ (стрелкаҳо) оид ба ҷойгиршавии участкаҳои интихобот, мавҷуд будани баргадон (қуттиҳои овоздиҳӣ), аз ҷумла баргадон (қутти овоздиҳӣ)-и сайёр (хурд), мавҷуд будани рӯйхати пешакии интихобкунандагон, аз ҷумла рӯйхати бори аввал овоздиҳандаҳо, ташкили ҷойи нишасти мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ, ташкили лавҳаҳои муқарраркардаи КМИР оид ба ном ва рақами участка, ташкили садо додани Суруди миллии ҶТ пеш аз оғози маъракаи овоздиҳӣ ва баъд аз анҷоми он ва ғ.

Бояд тазаккур дод, ки то ба имрӯз омӯзгорони факултет вобаста ба масъалаҳои интихобот дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо зиёда аз 200 ҳазор аҳолӣ (интихобкунандагон), кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, таълимгирандагон ва тамоми кишрҳои ҷомеа суҳбату вохӯриҳо доир намудаанд. Ҳамин гуна суҳбату вохӯриҳо тавассути баргузор намудани ҷаласаҳо, барномаҳои телевизионию радиоӣ идома доранд.

Боварии комил дорем, ки шаҳрвандони кишвар бо дарки баланди масъулият ва қарзи шаҳрвандӣ дар ин маъракаи муҳимми сиёсӣ иштирок намуда, ба тарафтории номзади арзандаи худ овоз медиҳанд.

**Таҳияи**
**Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА**

# ИШТИРОК ДАР ИНТИХОБОТ – ДАРКИ МАСЪУЛИЯТ ВА ҚАРЗИ ШАҲРВАНДӢ



**Некрӯз МИРАЛИЕВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

**Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 11 октябри соли равон ба нақша гирифта шудааст, воқеан, яке аз маъракаҳои муҳимму меҳварии сиёсиест, ки дурнамои рушди ҷумҳурии тозаистиқлолу ба ваҳдат расидаи моро муайян менамояд. Феълан, ҷараёни омодагиҳо ба ин чорабинии муҳим дар тамоми гӯшаву канори мамлакат бомаром идома дошта, ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон тадбирҳои судманд амалӣ карда мешаванд.**

Маҳз дарки баланди масъулият, эҳсоси қарзи шаҳрвандӣ, пайравии ғояҳои ватандӯстиву давлатсозӣ, мардумсолориву бунёди ҷомеаи озоди демократӣ шаҳрвандони худогоҳу хештаншиноси кишварро баҳри иштироки фаъолона дар маъракаи интихобот ва изҳори мавқеи худ ташвиқ менамояд.

Ба андешаи ходимони сиёсӣ, иштирок дар интихоботи президентӣ василаи асосии иштирок дар корҳои давлатдорӣ, барқарорсозии муносибати мустаҳками сиёсӣ-ҳуқуқӣ бо давлат, иҷрои рисолати шаҳрвандӣ, саҳмгузорӣ дар дурнамои 7 соли рушди давлати ҳуқуқбунёду соҳибистиқлол арзёбӣ гардида, аз шаҳрвандони ватандӯсту хештаншинос фарҳанги баланди сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва эҳсоси волои мардумсолориву соҳибдавлатиро тақозо менамояд.

Воқеан, нафаре, ки маданият, шуур, фарҳанги ҳуқуқиаш ба ҷомеаи шаҳрвандиву демократӣ созгор буда, оид ба падидаҳои сиёсиву ҳуқуқие чун интихобот ва раъйпурсӣ фаҳми дуруст дорад, моҳияту аҳамияти интихоботро дарк менамояд ва шахсияташ ҳамчун узви фаъоли ҷомеа ташаккул ёфтааст, албатта, дар маъракаи интихобот ва ба ин васила дар раванди давлатдорӣ фаъолона иштирок менамояд.

Ҳоло дар ҶТ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул гардидаанд, ки ташкил ва раванди интихоботро дар ҷумҳурӣ таҳким мебахшанд. Ба чунин санадҳо Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои байналмилалие, ки ҶТ онҳоро эътироф кардааст, дохил мешаванд.

Ҷиҳати иштироки шаҳрвандон дар интихобот як қатор чорабиниҳоро амалӣ намудан лозим аст, ки то андозае тамоми шаҳрвандони кишвар аҳамият ва моҳияти интихоботро дарк намуда, рисолати шаҳрвандии худро иҷро намуда, нисбат ба рушди давлатдории хеш бетараф набошанд, аз қабили:

- беҳтар намудани сатҳу сифати тарбияи ҳуқуқӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ;
- доир намудани вохӯриҳои намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои фаъолияти ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон дар омодагӣ ва баргузории чорабиниҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, додани машваратҳои ҳуқуқӣ ба онҳо;
- бо мақсади додани тавсияҳои ҳуқуқӣ ва ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон сафарбар намудани олимон ва мутахассисони ҳуқуқшинос ба шаҳру ноҳияҳои дурдаст дар арафаи баргузории чорабиниҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ;
- дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва нашрияҳои ҷумҳуриявию маҳаллӣ ба таври доимӣ нашр намудани маводи ҳуқуқӣ, шарҳу тавзеҳот оид ба татбиқи санадҳои қонунгузорӣ;
- аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ба таври ҳамешагӣ баргузор намудани барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ дар мавзӯъҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва ҷалби олимони ҳуқуқшинос дар баргузории ин барномаҳо;
- нашри маводҳои ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи рӯзмарра дар сомонаҳои иҷтимоӣ (масалан фейсбук, инстаграм ва ғ.)

Бо ҳамин назардошт, моҳияти интихоботро дар мисоли интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли фишурда ба интихобкунандагон аз лиҳози сиёсиву ҳуқуқӣ ҳамчун як мавод ҷиҳати дарки масъулияти шаҳрвандӣ пешниҳод менамоем:

1. Интихобот як шакли асосии изҳори иродаи халқ аст. Халқ ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дар интихобот иродаи худро бевосита изҳор мекунад;

2. Дар заминаи муқаррароти моддаи 27 Конститутсияи ҶТ, интихобот ин шакли иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат аст;

3. Интихобот таҷассумгари моҳияти шакли давлатӣ, махсусан шакли идоракунии давлатӣ мебошад. Тибқи моддаи 1 Конститутсия, шакли идораи ҶТ президентӣ мебошад;

4. Интихобот ин шакли алоқаи устувори шахс ва давлат мебошад, ки аз мафҳуми худи шаҳрвандӣ ва масъулияти байни шаҳрванд ва давлат бармеояд;

5. Интихобот, воқеан, мувофиқи ирода ва манфиати халқ амал кардани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдори олии давлатӣ ва қонунӣ гаштани онро нишон медиҳад.

Ҳуқуқ ва низоми интихоботӣ дар мисоли интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳар як шаҳрванд бояд бо мазмунҳои зерин дарк карда шавад: якум, ҳуқуқи сиёсӣ ва субъективии ҳар як шаҳрванде, ки тибқи қонунгузории интихоботӣ, ҷиҳати интихоб кардани номзади мувофиқ дар интихобти президентӣ ҳуқуқи дар интихобот иштирок карданро дорад: дувум, шакли ягонаи ташкили мақомоти олии ҳокмияти давлатӣ дар мисолаи ташкили мансаби президентӣ, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст: сеюм, ҳамчун падидаи демократӣ инъикос гардидани соҳибихтиёрии халқ: чорум, шакли олии таҷассуми дарки масъулият ва қарзи шаҳрвандӣ, алоқаи устувори байни давлат ва шаҳрванд.

Бинобар ин, ҳар яки моро месазад, ки бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ, ҳисси баланди худшиносӣ ва таҳлили амиқи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди босуботи кишвар ва некуаҳволии рӯзафзуни мардум ба ин маъракаи муҳимми сиёсӣ омодагӣ бинем ва дар интихоби худ ба номзади арзандаву шоиста ва ғамхори халқу миллат афзалият диҳем.

# ҶАҲОНИШАВӢ ВА РИОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН



**Хуршеди АБДУЛҲОШИМ**
**дастпарвари факултет**

Ҷаҳони муосир пур аз таззодҳо ва хатарҳои умумибашарӣ аст, ки барои амният ва давлатдории кишварҳои олам мушкилии сарбаста гардидааст. Тоҷикистон низ ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин раванд дар канор набуда, саҳми худро барои бартараф намудани ин хатарҳо, ба василаи созмонҳои байналмилалӣ мегузорад. Бешубҳа бештари хатарҳои олами муосир натиҷаи ҷаҳонишавӣ аст.

Истилоҳи ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) дар солҳои охир дар расму қоидаҳои муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи хосро ишғол намудааст ва ин мафҳум аз тарафи сиёсатмадорон, иқтисоддонҳо, хабарнигорон, ҳуқуқшиносон ва гуруҳои васеи ҷамъият мавриди истифода қарор мегирад. Истилоҳи ҷаҳонишавӣ ба таври дақиқ ва фарогир мафҳуми хешро дар энсиклопедияҳо ва фарҳангҳои фалсафӣ пайдо накардааст. Дар адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ мафҳуми ҷаҳонишавӣ ба таври гуногун шарҳ дода шудааст. Ақидаҳо ва назарияҳо оид ба мафҳуми ҷаҳонишавӣ мухталифанд, вале чунин мафҳуми ҷаҳонишавӣ, то дараҷае айни муддаост: “Ҷаҳонишавӣ ин табдилёбии мунтазами фазои ҷаҳонӣ ба минтақаи ягонаест, ки дар он сармояҳо, молҳо ва хизматрасониҳо имкони таҳвили бемамониатро пайдо намуда, ғояҳои пешқадам ба таври озод паҳн гардида, майдони байналхалқии ҳуқуқӣ ва фарҳангию иттилоотӣ бунёд мегардад”.

**Тибқи хулосаи аксари муҳаққиқон ҷаҳонишавӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, ба ташаккули ҷомеаи глобалӣ оварданаш мумкин аст, ки боиси аз байн рафтани хусусиятҳои миллӣ мегардад.**

Ҷаҳонишавӣ на танҳо раванди қонунии таърихӣ, инчунин дар асоси худ раванди мусбатест, ки ба пешрафт ва шукуфоии инсоният мусоидат мекунад. Аз як ҷониб, вай бояд сулҳу амнияти умумиро таъмин кунад, паҳншаваии силоҳи ҳастаӣ, биологӣ ва химиявиро барҳам диҳад, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, муҳити зистро ҳамчун шарти зарурии зинда мондани инсон таъмин созад.

Аз тарафи дигар, ҷаҳонишавӣ сабаби дар кишварҳои алоҳида, паҳн гаштани анаънаҳои тамаддуни ба онҳо “бегона” (масалан, ғарбӣ), зери фишори ширкатҳои трансмиллӣ қарор гирифтани давлатҳо, махсусан давлатҳои хурд, ҳалли масоили ҳаётан муҳим бо иштироки гурӯҳи хурди давлатҳои абарқудрат бе инобат гирифтани манфиатҳои давлатии миллӣ, ба низоми ҳуқуқи давлатҳои алоҳида ворид гаштани анъанаҳои ҳуқуқии “бегона” ва ғайра мегарадад.

Дар раванди ҷаҳонишвӣ давлатҳо тобеи қоидаҳои умумӣ мегарданд, ки ин тобеияти метавонад онҳоро маҳв созад. Имрӯз халқу миллатҳоро зарур аст, ки баҳри ҳифзи давлатдории миллӣ сиёсати худро дуруст ба роҳ монад. Вагарна эҳтимоли дар оянда андешаи давлати миллӣ ва давлати миллӣ мавқеи хешро аз даст бидиҳад.

Дар тамом ҷаҳон хусусан дар кишварҳои шарқ раванди ҷаҳонишавӣ бо хусусиятҳои ғарбгароӣ доман паҳн карда истодааст, ки ба манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ ва фарҳанги миллӣ таъсири манфӣ мерасонад.

**Профессор Сафарзода Б.А бар он назаранд, ки яке аз вижагиҳои рушди ҷомеа дар марҳилаи навин ин равандҳои ҷаҳонишавӣ мебошанд, ки ҳама кишварҳои ҷаҳонро фаро гирифта, қолабҳо ва намунаҳои ҳамгунсозӣ ва стандартизатсияи сартосариро дар ҳама паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ тавлид карда истодааст. Ин раванд равияи нисбатан нав дар илми ҳуқуқшиносиро, ки «ҳуқуқи инсон» ном гирифтааст, бе таъсир нагузошта, имрӯз аллакай стандартҳ ои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ташаккул ёфтаанд.**

Инчунин бо ин мақсад санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул гардиданд, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966) ва ғайра қабул гардиданд, ки санадҳои зикргардида, бевосита ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар сатҳи байналмилалалӣ муаян намуданд, ки ин дастоварди бузурги башарият дар самти эътироф, риоя ва ҳуқуқи инсон мебошад.

Бояд зикр намуд, ки башарият ба чунин сатҳи тамаддуни хеш расид, ки чунин ҷумлаи зебои ифодакунандаи баробарӣ ва ҳақи инсониятро дар моддаи 1 санади байналмилалӣ чун ЭУҲБ эълон намояд: “тамоми одамон озод ва аз ҷиҳати шаъну шараф ва ҳуқуқҳо баробар ба дунё меоянд.

Имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, аъзои созмонҳои бонуфӯзи байналмилаллӣ мебошад ва аксарияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро эътироф намудааст, ки қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишварро ташкил мекунанд. Ҷаҳони муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо дар тағйироти бузургу бошиддати сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ қарор дорад. Табиист, ки ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва ҳаводису тағйироти ҷаҳонӣ ҳар лаҳза метавонад таъсири худро ба давлатҳо, аз ҷумла Тоҷикистони азиз расонад.

Миллати соҳибфарҳангу кӯҳанбунёди тоҷик бо давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон дар ҷараёни маҷрои пуртуғёни сиёсии давлатҳои ҷаҳон ворид гардидадаст. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлол гардидан, ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ташкили ҷомеаи шаҳрвандиро, ки дар он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шуда, нақши қонун, эҳтиром, риоя ва иҷрои он дар мадди аввал мебошанд, пеш гирифт.

Дар Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд

Дар моддаи 5-и Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ эълон гардида, ҳаёт қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Инчунин дар Конститутсияи амалкунандаи Чумхурии Точикистон хуҳуқ ба озоди ва дахлнопазирии шахсият дар меёрхои алохидаи конститутсиони инъикос карда шуда, бевосита дар қисми 3-ми моддаи зикргардида омадааст, ки «хуҳуқу озодихои инсон ва шахрвандро давлат эътироф, риоя ва хифз менамояд». Яъне аз тарафи давлат хамагуна озодии фитрии инсон, ки ба манфиати дигарон зарар надорад, эътироф, риоя ва хифз карда мешавад.

Дар ҷумҳурӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад (қ 3, м.4 Конститутсия).

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва таъсирии манфии он ба ҷомеаву давлатдории миллӣ халқи шарифи Тоҷикистон, хусусан хусусан ҷавононро зарур аст, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, Ватан, забон, фарҳанг ва дигар арзишҳои давлатдории миллиро муқаддас дониста, аз самими қалб дӯст дошта, барои расидан ба ормонҳои деринаи миллӣ талош намоянд.

Тоҷикистон ба монанди дигар давлатҳои ҷаҳон роҳҳои инкишофи озод ва некӯаҳволӣ аҳоли кишварро пеш гирифта, ҳамчун давлати миллӣ ҷонибдори ҳаллу фасли мусбати проблемаҳои ҷаҳонӣ мебошад.

# ЗАДЕРЖАНИЕ В УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ



Мухаммад КАРИМОВ
магистр 2-го курса

В Конституции РТ закреплено, что ни кто не может быть подвергнут без законных оснований задержанию или аресту (ч2. ст.19). Из того, что сказано можно сделать вывод, что задержание человека осуществляется на основании закона.

Задержание представляет собой – мера направленное на временное ограничение некоторых определенных прав и свобод человека. Задержание сопровождается принудительными действиями, т.е. помимо воли человека, последнего временно изолируют от общества во имя обеспечения прав и свобод человека и гражданина, а также во имя обеспечения безопасности общества и государства. Относительно понятия самого “задержания лица”, то можно сказать, что нет единого понятия, но сущность одинаково. Задержание лица регулируется УПК РТ и в соответствии со ст.91 вышеназванного нормативно – правового акта: Задержание лица состоит в доставлении его в орган уголовного преследования и в кратковременном содержании под стражей в специальных местах, определенных законом. Задержание применяется в отношении лица, которого подозревают в совершении преступления, в отношении обвиняемого и подсудимого нарушившему условия применённой к нему меры пресечения, а также осужденному, в отношении которого имеется представление уполномоченного на то органа об отмене приговора об условном неприменении наказания, условно – досрочном освобождении от отбывания наказания, отсрочки исполнения наказания (ст.71, ст.76, ст.78 УК РТ).

В большинстве случаев задержание лица производится на основании возникшего подозрения в совершении преступления.

Уголовно – процессуальное законодательство РТ выделяет несколько оснований для того ,чтобы произвести задержания лица: - при совершении преступления или непосредственно после его совершения; -если очевидцы происшествия, в том числе лицо, пострадавшее от преступления, прямо укажут на данное лицо, как на совершившее преступление; -есле на теле, одежде или предметах при нем, используемых им вещах, в его жилище, на рабочем месте или в его транспортном средстве, обнаружены явные следы преступления; -если лицо попыталось скрыться с места преступления;

Все перечисленные основания имеют место до возбуждения уголовного дела. Вопрос о возбуждении уголовного дела должен быть решен в течении 12 часов с момента задержания. По истечению 12 часов в случае отсутствия какого – либо решения, задержанный должен быть освобожден.

**Срок задержания не может длиться с выше 72 часов (ч.3 ст.92 УПК РТ). Касательно срока задержания, в разных странах оно устанавливается по разному. Например в ч.4 ст.131 УПК Республики Казахстан, установлено срок задержания лица до 48 часов, а также срок задержания несовершеннолетних до 24 часов, за исключением подозрения в совершении особо тяжкого преступления, когда допускается задержание до 72 часов. Касательно ч.4 ст.131 УПК Республики Казахстан, то задержания подозреваемого несовершеннолетнего до 24 часов – это правильно потому что нет необходимости дольше задерщать несовершеннолетнего, ведь несовершеннолетний относится к социально – уязвимому слою населения и нуждается в защите.**

Также уголовно – процессуальное законодательство в РТ в ст.93 гарантирует гражданам захватить и принудительно доставить в орган власти лицо, застигнутое им при совершении преступления или попытке скрываться. Возникает вопрос: а могут ли граждане или подданые иностранного государства захватить или принудительно доставить лицо, застигнутое им при совершении преступления? Да, они имеют право на захват лица, потому что иностранные граждани могут или могли бы стать жертвами преступления. Но об этом ст.93 УПК РТ ничего не сказано, а просто сказано, что каждый гражданин имеет право захватить и принудительно доставить в орган уголовного преследования. Но по иному говорится в ст.130 УПК Республики Казахстан: - Потерпевший, а также любой иной гражданин имеют право на задержание лица, т.е. в данной статье нормативно – правового акта РК, круг лиц широко известен в отличии от ст.93 УПК РТ.

После доставления задерженого в орган уголовного преследования должностным лицом составляется протокол в течении 3 часов (ст.94 УПК РТ). И здесь возникает вопрос, который тревожит читателей - а входит ли время доставления задержанного в эти 3 часа? Ведь во время доставления, может произойти что угодное, независящее от воли человека. Каждый юрист думает по разному, одни говорят, что время доставления не должен быть включен в трех часовой промежуток времени, а другие наоборот утверждают, что в эти 3 часа входят и время доставления.

УПК РТ не дает точный ответ вышеназванного вопроса, ссылаясь на различные обстоятельства. О задержании лица и месте нахождения задержанного, в течение 12 часов с момента фактического задержания, уведомляются совершеннолетние члены семьи задержанного со стороны органа осуществивший задержание. О задержании граждан иностранного государства, орган осуществивший задержание в 12 часовой срок, сообщает в МИД РТ для уведомления представительства этого государства.

**Задержанный освобождается по нижеследующим основаниям:**

- **если истек срок задержания;**
- **если не подтвердилось подозрение;**
- **если задержание произведено с нарушением УПК РТ.**

В заключении хочу отметить, что задержание это необходимая мера ограждения человека от общества, ведь права и свободы человека заканчиваются там, где начинаются права свободы других.

# ВЫБОРЫ – ЭТО ПРОЦЕДУРА ИЗБРАНИЯ КОГО-ЛИБО ПУТЕМ ОТКРЫТОГО ИЛИ ТАЙНОГО ГОЛОСОВАНИЯ



Нурмухаммад ОБИДОВ
студент 2-го курса

Выборы – одна из наиболее распространённых форм участия людей в общественно политической жизни государство, страны, региона и так далее. Выборы проводятся для осуществления законного утверждения в должности какого-либо руководителя административного или общественного органа управления или представителя от лица участвующих в выборах лиц в составе законодательного или иного органа управления. Свободные считаются на сегодняшний день наиболее демократичной системой замещения руководящих должностей в любых общностях людей. 6 ноября 1994 года, во время разгара гражданской войны, которая длилась в этой стране с мая 1992 года по июнь 1997 года, вторые в истории Таджикистана прошли президентские выборы. На выборах планировалось возродить институт президентства в Таджикистане, так как с ноября 1992 года до начала этих выборов, фактически главой страны являлся председатель Верховного Совета Республики Таджикистан. Одновременно с президентскими выборами, в стране проводился всенародный конституционный референдум, на котором была принята новая конституция республики и до сегодняшней день в нем три раза 1999, 2003, 2016 году было внесено изменения и дополнения. Выборы было проведено ещё в 1999, 2006, и 2013 году который народ участвовали добровольно и голосовали на равных основаниях каждый избиратель имеет один голос и голосует лично. Голосование за других запрещается, контроль за волеизъявления граждан не допускается.

Согласно статья 65 Конституции Республики президент избирается гражданами Таджикистана путём всеобщего, равного и прямого избирательного права, тайным голосованием сроком на 7 лет. Кандидатом на пост Президента Республики Таджикистан может быть выдвинуто лицо не моложе 30 лет, имеющее только гражданство Республики Таджикистан, высшее образование, владеющее языком и проживающее на территории республики не менее последних 10 лет. Кандидатом на пост Президента может быть зарегистрировано лицо, за выдвижение кандидатуры которого собраны подписи не менее 5 процентов избирателей.

Законодательство Республики Таджикистан о выборах Президента Республики Таджикистан основывается на Конституции Республики Таджикистан, и состоит из конституционного закона, и других нормативных правовых актов Республики Таджикистан, а также международных правовых актов, признанных Таджикистаном. Согласно статья 2 Конституционного Закона РТ «О выборах Президента Республики Таджикистан», граждане Республики Таджикистан, достигшее 18-летного возраста до дня выборов, независимо от их национальности, расы, пола, языка, вероисповедания, политических убеждений, образования, социального и имущественного положения, имеют право участвовать в выборах Президента Республики Таджикистан.

Очередные выборы Президента Республики Таджикистан состоятся 11 октября 2020 года в этот день каждый гражданин должен думать правильный участвовать активный, и избирать самая лучшая кандидата на пост президента, мы не должны ошибаться потому что на протяжение 7 лет все развития и успехи нашего государство зависит от наше выбор, конечно каждый гражданин, который живёт в нашем государство, хотят жит свободным независимым и счастливым и каждый из нас помнит какие годы проводили наш народ.

# УЧИТЕЛЬ – СИМВОЛ ЗНАНИЙ

Мыслители всех времён подчеркивали высокое общественное значение учителя. «Сеятели разумного, доброго, вечного»-говорят об учителях. От них все лучшее в человеке. Со времён древности складывалось искреннее почтение к учителю. «...Он был отцам отец и учителям учитель...нежный учитель, добрый пастырь, праведный учитель, неподкупный наставник...»

Учитель-человек, имеющий специальную подготовку и профессионально занимающийся педагогической деятельностью. Но учитель это прежде всего лицо, добровольно взявшее на себя высокую ответственность за воспитание и обучение другого человека, впустившее его в свое сознание и осуществляющее духовное руководство им. Л.Н. Толстой сказал однажды, что хорошему учителю достаточно иметь только два качества-большие знания и большое сердце.

В мире профессий специальность учителя занимает особое место. Учитель, к тому же, очень древняя профессия, издавна она считалось и самой сложной. Поэтому обучением и воспитанием подрастающего поколения во все времена назначались самые знающие, самые опытные способные к этому люди. В странах древнего востока учителями назначались жрецы. В древней Греции самые умные и талантливые граждане. В Риме учителей назначал сам Император из числа самых образованных чиновников.

Сколько прекрасных строк посвящено этим героическим людям, имя которым учитель! Профессия педагога требует от человека не только больших знаний, но и духовных сил, выдержки и даже мужество, и радует то, что, не смотря на сложности и трудности, находятся люди, которые выбирают для себя в этой жизни труд учителя. Как говорит Уильям Артур Уорд «посредственный учитель излагает. Хороший учитель объясняет. Выдающийся учитель показывает. Великий учитель вдохновляет».

**«Те, у которых мы учимся, правильно называются нашими учителями, но не всякий, кто учит нас, заслуживает это имя».**

**И.В.Гёте**

Древний, национально образованный и любящий науку народ Таджикистана до сих пор чтит учителя, считает его причиной развития человека и общества.

И так, можно сказать, что учитель - проводник, благотворитель, заботливая личность. Он открывает нам дверь в таинственный мир науки. Учитель как свеча. Он растворяет себя для того, чтобы дать другим свет.



Максуда МУЗАФФАРЗОДА
студент 2-го курса

# НИЗОМИ ИНТИХОБОТӢ

Интихобот унсури асосӣ ва зарурии сиёсат аст, ки дар инкишофи мутаассири ҷомеа мақом ва нақши фаъол дорад. Интихобот воситаест, ки тавассути он таҳкиму таҳлили сохторҳои ҷамъиятӣ таъмин мегардад. Интихобот ва раъйпурсӣ шакли олии изҳори иродаи халқ аст. Халқ чун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дар интихобот иродаи худро бевосита изҳор мекунанд. Ба сохтори идораи давлати демократӣ интихоботи озодона хос аст ва моҳияти демократии давлат низ рӯйи ҳамин поя қарор дорад.

Интихоботи ошкорову озод ва дар мӯҳлатҳои муайяннамудаи қонун барпокардаи давлат воситаи асосии амалигардонии соҳибихтиёрии халқ мебошад. Яке аз воситаҳои демократигардонии интихобот ин ба тарзи бисёрҳизбӣ ташкил кардан ва анҷом додани он аст. Ба ҳар ҳизби сиёсӣ имконияти баробарро додан зарур аст, то ки дар ҳамаи давраҳои маъракаи интихобот намояндагони онҳо фаъолона иштирок намоянд.

Низоми интихобот ин падидаи муҳими демократия буда, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки дар алоқамандӣ бо ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъективии шаҳрванд оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба вуҷуд меоянд. Низоми интихобот мунтазам тағйиру дигаргун мешавад. Дар ҳар маъракаи интихобот муносибатҳои нав ба вуҷуд меоянд, ки дар маъракаҳои ояндаи интихобот такрор ёфта, ба одату анъанаҳои интихоботӣ табдил меёбад.

**Низоми интихобот асосан ба се мазмун фаҳмида мешавад:**

1) Чун ҳуқуқи сиёсии субъективии шаҳрвандон оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба мансаби президент ва вакили мақомоти намояндагӣ;

2) Чун шакли ягонаи қонунӣ ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва интихоботи сарвари давлат;

3) Ин падидаи демократӣ нишондиҳандаи ташкили идораи демократии давлат чун маҳак ё мақоми тартиби демократӣ ва амалигардони соҳибихтиёрии халқ аст.

Дар таҷриба се намуди низоми интихоботии мажоритарӣ амал менамояд: а) низоми интихоботи мажоритарии аксарияти мутлақ, ки дар он касе интихобшуда ҳисоб меёбад, ки овози аксарияти мутлақ, яъне аз нисф зиёди интихобкунандагонро дар ҳамон ҳавзаи интихоботӣ гирифта бошад; б) низоми интихоботи аксарияти нисбӣ, ки дар он барои ғолиб омадан нисбат ба ҳар як номзади дигар зиёдтар овоз гирифтан зарур аст; в) низоми интихоботи аксарияти комил, ки дар он касе ғолиб мешавад, ки аксарияти овозҳои қаблан муқарраргадидаро соҳиб шавад.

Хулоса, интихобот дар ҷомеаи демократӣ шакли муҳими ибрози иродаи халқ ба ҳисоб рафта, пешрафту шукуфоии миллату давлат аз он вобастагии зиёд дорад. Таҷрибаи ҷаҳони мутамаддин низ исбот намудааст, ки дар замони имрӯза ягона роҳи дурусти иштироки халқ дар амалигардонии ҳокимияти давлатӣ интихобот аст.



**Сафархон ВОҲИДОВ**
**мутахассиси Хадамоти иҷро дар ноҳияи Шоҳмансур**

# НУРИ ҶАҲОН – МУАЛЛИМ

**Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,**
**Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.**

Муаллимин сармояҳои миллӣ мебошанд ва ин сармояҳо дар ҷомеаи мо бояд такмил ёбанд, чунки миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад. Ифтихор ва сари баланди мо аст, ки ниёгони мо аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд ва ҳусилаи эшон буд, ки дар тули таърих бо вуҷуди тохтутозҳои пайдарпайи аҷнабиён давлатдории миллӣ аз нав эҳё ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ бо фарҳангу тамаддуни оламшумул шинохта шуд.

Бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашн гирифтани солгарди шахсиятҳои миллӣ чун Рӯдакӣ, Мавлонои Балх, Имом Абуҳанифа, Ҷомӣ, Ҳамадонӣ ва ғ. яке аз ҳадафҳои бузургу ояндандигорона буда, дар баробари муаррифӣ ва шинохт баҳри илҳом гирифтани наврасону ҷавонон аз ниёгон нигаронида шудааст. Бинобар ин месозад, так-таки мо аз гузаштагонамон илҳом гирему барои мисли онҳо шудан заҳмату талош намоем.

Дӯстӣ, ҳидоят, назм, илм, ишқ, эътимод ва оромишро дар як шахс пайдо кардам. Маҳз муаллим аст, ки доимо меомӯзад ва он чӣ андӯхтааст ба дигарон таълим медиҳад.

Ҳақи муаллимро он нафароне мешиносанд, медонанд ва эҳтирому қадрдонӣ мекунанд, ки худ қимату дараҷа ва манзалати илмро медонанд, зеро илм нур аст ва нодонӣ торикиву зулумот ва илм инсонро аз зулумоти нодонӣ ба нур мебарорад, ки ба воситаи он инсон ҳаётро дарк мекунад. Муаллим он нафаре аст, ки моро ба ин нур далолат ва раҳнамоӣ мекунад ва ба воситаи нур торикиҳои зиндагӣ равшан мешавад ва инсон роҳгум намезанад ва муаллим ҳамеша аз пешрафти шогирд шод асту мамнун ва хурсанд ва ҳамеша шогирдонро ба ахлоқи некӯ, одоби писандида ва барои гирифтани илму дониш далолату даъват мекунад ва тамоми ҳастии худро дар ин кор сарф мекунад ва ана аз ин ҷо аст, ки бо ифтихор ин шахсро муаллим, омӯзгор ва устод гуфта мешаваду як умр шогирдон бо дидани ин шахсияти муътабар қадам ба сӯяш мегузоранд ва бо эҳтиром иззаташро ба ҷо меоваранд.

Худованд одамро ба қобилиятҳои тайёр ба дунёи равшан тавлид намесозад, балки ба ӯ ҷанинҳои инкишофро медиҳад. Дар зери таъсири тарбия ва муҳити ӯро иҳота карда, ин нишонаҳо рӯ ба инкишоф меоранд. Вале инкишоф ёфтани қобилият, маҳорат ва малака ба омӯзгор ва худи шахс вобастагӣ дорад. Пас шогирд бояд, ки ҳамеша итоати муаллимро ба ҷо оварад ва чун сухан кунад аз ӯ иҷозат пурсад, вақте дарсро нафаҳмид, эҳтиромона такрори онро пурсад, ҳангоми суханкунии муаллим суханони ӯро набурад ва бо диққату оромона ва ҷиддӣ дарсро гӯш диҳад ва хомӯш бошад, агар муаллим ба шогирди дигар савол диҳад дар ҷавоб пешдастӣ накунад, ҳамеша муаллимро ҷӣ дар ҳоли ҳаёту баъди он ба некӣ ёдоварӣ кунад ва дасти дуо дар ҳаққаш бардошта бошад.

Мутаасифона шахсоне низ хастанд ба номи бузург ва арзишманди муаллим истинод меоваранд. Маҳз аз саргузашти бузургон дарк менамоем, ки онҳо дар баробари муаллими ботақвову ғамхор, инчунин мурабӣ низ буданд, яъне ба ҷуз аз нуфузи илмӣ, нуфузи маънавӣ ҳам доштанд. Зиндагии бузургони миллат барои ҳар фарди солеҳу солим дарси зиндагӣ аст ва сабаби пешрафту соҳибқадр гардидан ӯ дар ҷомеа мебошад. Ниёгони мо доир ба заҳматҳо ва нақши муаллим дар таълиму тарбия гуфтаанд:

**Тарбия чист? Хок зар кардан,**
**Қатраи обро гуҳар кардан.**

Аз ин рӯ, бояд ҳар як омӯзгор донад, ки ӯ шахси масъулу равшанфикр ва пешбарандаи ҷомеаи мост. Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим – омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда тамоми устодони факултети ҳуқуқшиносиро бо камолу эҳтироми саодатманди табрику муборак бод гуфта, барояшон тансиҳатии бардавом, офияту иқболи баланд, файзу баракати зиндагӣ, ризқи фаровон, рузгори пурнишот, шодкомиву бурдбори, саодату фараҳмандтро орзумандам. Худо кунад, дар дил ҷӣ орзуву ҳавасе доранд, ҷомаи амал пушад.

Боқӣ, сиҳатмандию хотири ҷамъ, дили беғам, ва амонию саодатмандӣ ёратон бод устодони гиромӣ!

**Хушнудабону АХМЕДОВА**
**донишҷӯи соли 4**

# ЗАБОН – ПОЙДЕВОРИ КОХИ МИЛЛАТ



**Фарзона МУЛОЙҶОНОВА**
**донишҷӯи соли 4**

Забони модарӣ хишти нахустини пойдевори кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллӣ мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллат аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллӣ, ифтихори ватандӯстӣ ва ҳуввиятҳои давлатдориашро аз даст дода, ба забони тамаддуни халқиятҳои бегона мерavад ва оқибат завол меёбад.

Забони тоҷикӣ дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули худ роҳи ниҳоят пурфоҷиаро тай намуд, аз санҷишҳои таърихӣ гузашт ва дар натиҷаи хидмату заҳматҳои бедареғ, мероси гаронбаҳо ва корнамоиҳои беназири фарзандони барӯманди халқи тоҷик, аз қофиласарои адабиёти форсу тоҷик устод Рӯдакӣ гирифта то бунёдгузори адабиёти навини тоҷик устод Айнӣ, дар шакли зебову ноб, бо захираҳои ғаниву рангини назму наср барои мо ёдгор мондааст ва мо бо ин мероси ҷовидонӣ ифтихор мекунем ва хушбахт аз онем, ки забони мо дорои таърихи куҳан ва ганҷинаи бебаҳост.

Дар Тоҷикистони маҳбуби мо ба забони тоҷикӣ мақоми ягонаи давлатӣ дода шудааст. 5 октябри соли 2009 Қонуни ҶТ «Дар бораи забон» қабул гардид, ки вазъи ҳуқуқии истифодаи забони давлатиро муайян мекунад. Бинобар ин, ҳамасола 5 октябр ҳамчун рӯзи забон дар саросари кишвар таҷлил карда мешавад. Дар моддаи 3 Конститутсияи ҶТ омадааст: «Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироз медорад: «Забони тоҷикӣ поянда аст, то даме, ки миллати тоҷик ҳаст, забони ӯ низ пойдор хоҳад буд». Мо, тоҷикзодагон ҳамеша пайи он мекӯшем, ки забони миллати хешро пок, беолоиш ва пойдор нигоҳ дорем. Нагузорем, ки эҳтироми ин забони бузург, лафзи поки модар коста гардад. Пояндагии забони модарӣ ба мо насли имрӯзавуояндаи миллат вобастагӣ дорад. Имрӯз фарди тоҷик бо забони хеш дар парвозҳои баланд аст, зеро ин забонро ҷаҳониён эътироф мекунанд:

**Тоҷикаму тоҷикӣ сухан мегӯям,**
**Бо лафзи дарӣ модари ман мегӯям.**
**Дороии ман дар олам ин аст, ки ман,**
**Бо шеваи тоҷикӣ- Ватан мегӯям.**

Имрӯз забони тоҷикӣ ба ҳайси забони миллӣ ва давлатӣ дар мақоми забони сиёсат, илму фарҳанг, қонунгузорӣ, робитаҳои дипломатӣ, тиҷорат ва дигар воситаҳои иртибот қарор дорад. Мо бояд саъю кӯшиш намоем, то рисолати забони модарии худро ҳифз намуда, ҷараёни таблиғу густаришу инкишофи онро таъмин намоем ва аз осори бузургу гаронбаҳои илмӣ, ҳуқуқӣ, фалсафӣ, динӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии аҳли илму адаби гузаштагонамон, ки бо ин забони нобу шево ба мо мерос гузошта шудааст, барои таҳким бахшидани пояҳои тамаддуниву фарҳангии давлати соҳибихтиёр, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоии Тоҷикистон ба таври самарабахш истифода намоем.

# PRESIDENTIAL ELECTION

An election is the major method to choose a head of state and members of a Parliament. In a democratic country the right to vote is the main way most citizens can influence the decisions about how their country is being governed. The guestion of who may vote is a main issue of an election. In our country anyone who is a tajik citizen, at least 18 years of age have a right to vote.




To elect means to select or make a decision.

The Tajikistan Constitution includes some general provision in the election by law. It sets a standard requirement for candidates running for a post of a president. Requirements usually composed of age, special education and citizenship. The candidate who met all these requirements are considered eligible for the post of presidential role.

The role of youth in the election. The youth plays a great role during the election. Young people represents the future of our country and they are bringing new visions and ideas to the political sphere. To participate an election youth can bring social reform and improvements in society. We have the perspective which the older generations lack. Today we are just youths, tomorrow we will become leaders». In our country it has all conditions for us to achieve the goals and taking the country towards progress. Our obligation for the future of Tajikistan is to teach and be hard working with total devotion and commitment.



**Manzuma NAZAROVA**
**student 4- course**

# ОБ БАРОИ ҲАЁТ Ё ЧАРО МАҲЗ ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР?

Имрӯз дар ҷаҳон масъалаҳое ҳастанд, ки инсониятро рӯ ба мушкилӣ ва нофаҳмиҳо оварда, ҷомеаи ҷаҳониро ба он водор сохтааст, ки сари ин муаммо андеша биронанд. Тадбирҳои амниятӣ, хатари терроризм ва ифротгарой, масъалаҳои демографӣ, коррупсия аз қабили он масъалаҳое мебошанд, ки хатари онҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳаёти инсонҳо баръало маълум аст. Дар радифи ин қазияҳо масъалаҳои экологӣ ва нигоҳдории ҳифзи муҳити зист берун нест. Яке аз мушкилиҳои асосие, ки имрӯз аҳолии сайёра ба он рӯ ба рӯ гардидааст, ин маҳз дастрасии оби нӯшокӣ ба ҳисоб меравад.

Вазъи имрӯзаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки проблемаҳои экологӣ, махсусан таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ мушкилоти рӯзмара ва умумибашарист.

**Аз таҳқиқотҳи илмие, ки мутахассисони соҳа анҷом додаанд имрӯзҳо зиёда аз 1,6 млрд аҳолии ҷаҳон ба оби нӯшокӣ дастрасии маҳдуд доранд, ҳудуди 2,6 млрд аҳолӣ дар ҳолати бади санитарӣ умр ба сар мебаранд, 50 фисади аҳолии давлатҳои рӯ ба инкишоф обро аз манбаҳои ифлос дастрас менамоянд, инчунин вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии давлатҳо 80 кишвари олам аз нарасидани об мушкилӣ мекашанд ва ҳудуди 42 нафар кӯдакон аз нӯшидани обҳои ифлос ҳар ҳафта мефавтанд.**

Аз нишондодҳои боло бармеояд, ки воқеан ҳам имрӯз масъалаи об ва таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ба масъалаи умумиҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Байти маъруфи устод Саъдии Шерозӣ, ки «Банӣ одам аъзои якдигаранд, Ки дар офариниш зи як гавҳаранд...» ё аллома Иқбол «...Чаманзорему зи як шохсорем» хаст, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистонро намегузорад оид ба ҳалли ин масъала бетараф ва дар канор бошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёру мустақил ва аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли ин мушкилӣ ва масъалаи сарбастаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббус нишон додааст ва тадбирҳои заруриро барои рафъи ин раванд андешида истодааст.

Маҳз бо талоши ҷониби Тоҷикистон аст, ки имрӯзҳо якчанд барномаву пешниҳодҳо аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидааст. Ба монанди:

1. **Соли 2003-соли оби тоза;**
2. **Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт» эълон гардидани солҳои 2005-2015;**
3. **Соли 2010-соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об;**
4. **Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор: 2018-2028».**

Маҳз пешниҳодҳои пайдарпайи ҶТ ва Президенти кишвар аст, ки оид ба масъалаи об, таъмини аҳолии сайёра бо оби нӯшокӣ, масъалаҳои захираи обӣ аз ҷониби созмонҳои ҷаҳонӣ ва аксарияти кишварҳои ҷаҳон пазируфта шудаанд ва пешомади мушкилоти ҷойдошта дар ин замина наметавонад, ки инсониятро бетараф гузорад.

Хатари масъалаҳои экологӣ, нигоҳдории ҳифзи муҳити зист, инчунин масъалаҳои обӣ, таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ имрӯз дар ҷаҳон ҳатто аз хатари терроризм ва ифротгарой низ бештар аст. Зеро пайдо кардани роҳҳалҳои он мушкилтар мебошад. Дар нигоҳи аввал пешниҳоди ҶТ дар масъалаи об дар микёси ҷаҳонӣ дар баробари дигар масъалаҳое, ки имрӯз хатари он ба инсоният таҳдид менамояд ва дигар давлатҳои ҷаҳон ташаббус нишон медиҳанд чандон ҷиддӣ наменамояд. Аммо кам инсонҳое ҳастанд, ки аз муҳиммият ва мубрамияти ин мавзӯъ воқиф мебошанд. Баъд аз андеша ва таҳлилу таҳқиқи дурусту амиқ огаҳ мегарданд, ки чӣ гуна вобаста ба вазъияти бавуҷудомадаи ҷаҳони кунунӣ масъалаи мазкур аҳамияти хоса дорад. Чаро маҳз об барои ҳаёт? Оё инсоният дарк карда наметавонад, ки бе об зиндагӣ кардан нашояд. Мисоли оддӣ ва равшан аз ҳаёти ҳаррӯзаи худ. Агар дар хона об набошад, он рӯз чӣ гунна рӯз сипарӣ мегардад. Мисоли ин ва дигар мисолҳо зиёд аст, ки метавон овард, аммо бояд ҳаминро



Зафар МАҶИДЗОДА
магистри соли 1

донист ва дарк намуд, ки мавзӯи об ва таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Бори дигар муҳиммият ва аҳамияти мавзӯи зикргардида аз ҷониби роҳбарияти олии сиёсии кишвар, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 75-уми Маҷмаи Умумии СММ зикр гардид, ки имрӯзҳо дар СММ Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ташаббускор дар пешбарии масъалаҳои марбут ба захираҳои об мешиносанд.

# УСТОД – ОИНАИ ҶОМЕА



Идибой БЕҲБУДЗОДА
магистри соли 1

Шахсияте, ки дар зиндагии хеш ҳунари волои хубро ба касе меомӯзонад, роҳнамоӣ мекунад, барои дурахшон гардиданиояндаи ашхосе чун шуълаи офтоб нури рушноиву гармиро дареғ намедорад танҳо устод мебошад. Ягон кору амал, пешравию афзалият бемашаққату кадршиносии устоде ба авҷи аъло намерасад.

Сартосари ғановати илмӣ-адабии адабиёти форсу тоҷик ва фаъолияти файласуфон, адибон ва шахсиятҳои беназири таърихӣ ба эҳтироми устоду омӯзгор бахшида шудааст ва нақши ин шахсиятҳо дар ҷомеа беандоза воло мешуморанд.

Устод Ҷалолиддини Балхӣ вақте, ки осори худро ба номи устоди худ – Шамси Табрезӣ мегузорад, кулли одамон сабаби дар қисмати ҷамъбастии ғазалҳояш номи муборакӣ устоди худро ёдрас шуданро аз ӯ пурсон мешаванд, дар ҷавоб чунин байтро эъҷод намудааст:

Гуфтанд: "Ки зи Шамсулҳақи Табрезӣ чӣ дидӣ?"
Гуфтам: "Ҳамин нур аз ӯст, ки бар ман назар афтод."

Сарчашмаи ҳамаи хубиҳо, ободии ҳамаи маҳфилҳо, бузург гардидани ҳамаи шогирдони баркамол маҳз аз устод вобастагӣ дорад. Зеро устод оинаи халқ мебошад. Оинае, ки шогирд худро дар ӯ нигариста камбудиҳои худро ислоҳ менамояд.

Устод барои тарбият ёфтан, ба камол расидан ва бузург гардидани ҳар як шогирдаш кӯшиши беандоза мекунад. Даме, ки шогирд шахси барӯманд мегардад, воҷиб аст, ки аз заҳматҳои устоди арҷманди хешро бо некӣ пас гардонад. Дар "Хирадномаи Искандарӣ"-и Абдураҳмони Ҷомӣ чунин ривоят гардидааст, ки Искандар аз замони ба тахт нишастан устоди худ Арастуро машваратчии худ таъин мекунад ва доир ба ҳамаи масъалаҳои кишвари худ бо ӯ машварат менамояд, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ин кирдори ибратомӯзи Искандарро чунин ба риштаи назм кашидааст:



**Сикандар ба сӯи Аросту навишт:**
**К-эй фаррух устоди некӯсиришт.**
**Дилам тахтаи килки таълими ту,**
**Сарам хоки майдони таъзими ту.**

Мавриди зикр аз қиссаи машҳури таърихӣ "Қиссаи Искандар ва Доро ибни Доро" ки дар "Таърихи Табарӣ" оварда шудааст чунин баён мешавад, ки вақте Искандари 15-сола бар тахт менишинад, ба Доро барои дигар напардохтани андоз ба ӯ беитоатӣ мекунад, Доро дар ҷавоби иҷро накардани фармон ба устоди Искандар яъне Арасту нома менависад ва ҳамроҳи нома камчинеро низ мефиристад то шогирди худро аз сари нав тарбият намояд. Ин ҷо метавон маънои дурдонаи назми "Қадри устод аз падар беш аст"-ро дарёфт намудан мумкин аст, ки чаро шоҳаншоҳ Доро маҳз ба устоди ӯ номаро ирсол мекунад.

Қобили пазирой аст, ки суханҳои дар боло зикршуда бори дигар тасдиқкунандаи эҳтирому қадри устод, баъд аз баркамол гардидан ва барӯманд шудани шогирди бо хуни ҷигар тарбиятнамудаи ӯст.

# ИФЛОСШАВИИ ТАБИАТ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Дар мамлакати мо 23 фисади аҳолӣ ба соҳаи фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд, ки онҳо аксаран ризқофарандаи аҳолии боқимонда ба ҳисоб мераванд. Ҳифзи табиат, истифодаи оқилона ва аз нав барқарор намудани бойигариҳои табиӣ вазифаи умумихалқист ва ҳар як фард дар ҳалли ин масъала бояд масъулияти баланд ҳис намояд. Табиат бой буда, бойигариаш номаҳдуд нест, гуфта буд В.И. Ленин ва инсон ба ин бойигарӣ бояд ҳамчун истифодабарандаи оқилу ғамхор муносибат намояд. Табиат китобест, ки бояд хонд ва дуруст фаҳмид, фаҳмиши барғалат зиёни калон мерасонад. Солҳои охир муносибати инсон ба табиат рӯз аз рӯз тезу тунд шуда, ин боиси тағйиротҳои гуногуни экологӣ гардида истодааст. Ин тағйиротҳо ба масъалаи умумибашарӣ табдил ёфта, халқҳои тамоми дунёро ба ташвиш оварда истодааст ва сабабаш дар он аст, ки инкишофи бошиддати илму техника ва фаъолияти босуръати хоҷагии инсон ба ифлосшавӣ ва дигаргуншавии қабатҳои замин – атмосфера, литосфера, гидросфера, биосфера, фарсудашавии сарватҳои табиӣ ва бад шудани вазъияти экологӣ дар рӯи замин оварда расонидааст.

Ифлосшавии табиат бо маҷмӯи омилҳои табиӣ ва антропогенӣ (инсонӣ) вобаста буда, дар натиҷаи оташфишонии вулқонҳо, бодлесии замину ҷисмҳои кӯҳӣ, хокбод, сӯхтори ҷангалҳо, ба атмосфера ворид шудани заррачаҳои намакҳо пайдо мешавад. Ифлосшавии сунъӣ ба ҳаёту фаъолияти инсон дар табиат вобастагӣ дорад. Ифлоскунандаи асосӣ, пеш аз ҳама маводи сӯзишворӣ, чанг, соҳаи саноат, нақлиёт, партовҳои хоҷагии инсон ба фазо хориҷ ё партофта мебошад. Вақтҳои охир аз сабаби тағйир ёфтани муҳити экологӣ ҳодисаҳои гуногуни ноҳуши табиат, ба монанди заминларза, обшавии пиряхҳо боис шуд. Муайян карда шудааст, ки ҳисоби таъсири ҳарорати гармии замин баъди соли 2000-ум 0,5 фисад баланд шудааст, чунин гармӣ ба обшавии пиряхҳо, баландшавии обу дарёҳо ва обхезиҳои даҳшатнок оварда мерасонад.

Ифлосшавии антропогении муҳити зист боиси пайдоиши бемориҳои гуногуни бактериологӣ ва вирусологӣ мегардад, ки натиҷааш аллакай ба аҳли башар намоён гардид (COVID-19), ки ин ҷони чандин ҳазор одамонро аз байн бурд. Аз рӯйи мушоҳидаҳо нисбат ба деҳот дар ҳудуди шаҳрҳо ифлосию партовҳои зиёд дида мешавад, ки ин боиси харобшавии муҳити шаҳр мегардад ва омили асосии сар задани бемориҳои гуногун аст. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тамоми мардуми тоҷик муроҷиат карда, ба сабзу хуррам гардондани минтақаҳои гуногуни кишвар дастуру супоришҳо додааст, ки ин дастуру супоришҳо ҷомаи амал пушида истодаанд. Имрӯзҳо Тоҷикистон ба як кишвари зебову дилоро дар микёси Осиёи Миёна табдил гардидааст ва ҳамаи ин муваффақиятҳо маҳз заҳмату талошҳои беназири Пешвои миллат мебошад.



Амирҷон ИНОМОВ
донишҷӯи соли 1

Дар ҳамин замина, ҳар як шаҳрванди кишварро зарур аст, ки истифодаи оқилона ва самараноки табиат, ҳифзи муҳити зистро риоя намуда, дар таъмини нигоҳдории муҳити зисти мусоид ва сарсабзу хуррам гардонидани кишвар ҳиссагузор бошад.

# ЗАБОН - РУКНИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛАТ



**Фирӯза НЕЪМАТОВА**
**донишҷӯи соли 2**

Забони модарӣ лафзи бузург, ширину муқаддасест, ки барои ҳар фард аҳаммияту арзиши бебаҳо дорад. Забон сармояи ҳар давлат ва ҳастии ҳар миллат ба шумор меравад. Таърих гувоҳ аст, ки забони тоҷикӣ дар шебу фарози таърих асолати худро нигоҳ дошта, рӯз аз рӯз инкишоф меёбад, ки ин боиси ифтихори ҳар яки мост. Забони адабии тоҷикӣ шакли мукаммали забони халқи тоҷик буда, 22 июли соли 1989 ба сифати забони давлатӣ пазируфта шудааст, ки мувофиқи он коргузории муассисаҳо ва тамоми соҳаҳо ба забони давлатӣ сурат мегирад.

**Забони модарӣ тоҷи сарам ту,**
**Забони дӯстони ёварам ту.**
**Фазои зиндагиро гар укобам,**
**Пайи парвозҳо болу парам ту.**

Хулоса, забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимаи дунё буда, таърихи бузург дурударозро соҳиб аст. Имрӯзҳо ин забони муқаддасро чун забони тамаддуни башарӣ ҳамагон мешиносанд. Мо соҳибзабонон низ вазифадорем, ки забони модариамонро поку беолоиш нигоҳ дошта, дар тозагиву равонии он саҳмгузор бошем.

**Шаҳром ҒУЛОМАЛИЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

Забон муқаддастарин рукни давлатдории ҳар миллати дунёст. Забони тоҷикӣ ва рушду ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлативу сиёсии мо ба ҳисоб меравад. Маҳз бо шарофати Истиқлолият ва худшиносии миллӣ забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ пайдо кард ва дар Конститутсия ба сифати забони давлатӣ эътироф гардид.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби мақомоти олии қонунгузори кишвар 5 октябри соли 2009, таҳти № 553 Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии ҶТ» қабул гардид, ки баъд аз қабули Қонуни мазкур забони модарии мо ба таври бесобиқа густариш ёфта, беш аз пеш нақшу мақом ва манзалати хешро ба ҳайси забони давлатии кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мустаҳкам менамояд. Ин ҳама аз сиёсати бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад.

Дар Қонуни мазкур оварда шудааст, ки забони давлатии ҶТ забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад.



Шаҳрвандони ҶТ вазифадоранд, ки забони давлатиро донанд. Давлат истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин намуда, забони давлатӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмиву фарҳангии ҶТ истифода мешавад ва ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмӣ мебошад.

Забони соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва воситаҳои ахбори омма боби сеюми Қонуни мазкурро дар бар мегирад ва дар он қайд гардидааст, ки забони таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, забони илму фарҳанг, забони эълону реклама, забони воситаҳои ахбори омма, иттилоот ва коммуникатсия забони давлатӣ ба ҳисоб меравад, ба истиснои он ҳолатҳое ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст.

Аз мазмуну моҳияти Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии ҶТ» бармеояд, ки забони давлатӣ имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа истифода мешавад ва мо шаҳрвандон вазифадор ҳастем, ки забони давлатиро донем, дар ҳамкорӣ бо кишвари азизамон ҳимоя ва рушди онро таъмин намоем.

**Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,**
**Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.**
**То забон дорад, ватандор аст ӯ,**
**То забондор аст, бисёр аст ӯ.**

**Суруш ШАРИФЗОДА,**
**донишҷӯи соли 1**

Басо фарҳбахш ва хурсандиовар аст, ки санаи 5 октябр шаҳрвандони Тоҷикистон дар сарнавишти худ боз як муҳимтарин рӯйдоди таърихӣ, яъне «Рӯзи забони давлатӣ»-ро, ки ба феҳристи ҷашнҳои миллӣ дохил гардидааст, бо рӯҳияи баланди ифтихор аз давлату давлатдорӣ, ватандорӣ, забондонию забондорӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ дар муҳити созандаву бунёдкорӣ ва фазои озоди демократӣ ҷашн мегиранд.

Таҷлили ин санаи таърихӣ, ҷашни миллию давлатӣ ¬ барои мо насли наврас ва толибилмону ояндасозони миллату давлати хеш аҳамияти басо муҳим дорад. Зеро мо ҷавонон ояндаи худро бо дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хело дурахшон мебинем ва дарк менамоем, ки ояндаи дурахшони



мо ба фарҳанги забондорию ватандорӣ вобастагии амиқ дошта, аз забон ва фарҳанги миллӣ сарчашма мегирад.

Албатта, донистани забони давлатӣ, ки забони модарии мо маҳсуб меёбад, барои мо насли наврас ва ояндасозони миллату кишвари худ вазифаи бузургеро мегузорад, ки бо ифтихор аз фарҳанги баланди миллӣ ва соҳибзабону соҳибдавлат будан ба монанди бузургону гузаштагонамон онро аз ҳама олудагиҳо эмин нигоҳ дорем.

Бинобар ин, имрӯз соҳиби забони тоҷикӣ бояд хурду калон ва ҳар фарди ҷумҳурӣ бошад. Насли ҷавон дар қиёс бо табақаи дигари аҳолӣ бояд бештар дар пойдории забони тоҷикӣ саҳми босазо гузошта, рушди забони давлатиро таъмин намоянд. Забони модариро бо эҳтиром ва риояи муқаррароти қоидаҳои ҳатмии адабӣ истифода баранд.

Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд «Забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст». Бинобар ин таҳкими давлат ва давлатдории миллӣ бидуни инкишофу густариши забони тоҷикӣ номумкин аст. Мо ҳама хуб медонем, ки забони давлатӣ ғамхории давлатӣ мехоҳад ва лозим ба ёдоварист, ки сарвари давлати мо имрӯз ҳомии забон аст.

Бинобар ин, ҳар шаҳрванди Тоҷикистонро мебояд, ки бо масъулияти баланд, дарки худшиносиву худогоҳии миллӣ, забонро эҳтиром ва қадр намоянд. Бовар дорем, ки ҳар касе, ки забони модариашро эҳтиром мекунад, нишони он аст, ки худ ва миллаташро эҳтиром менамояд.

**Меҳрона САИДВАЛИЕВА**
**донишҷӯи соли 1**

Забон дар тамоми давраи тараққиёти ҷамъият барои рушду камоли маърифату маънавиёти инсон нақши бузург бозидааст ва имрӯз ҳам аз он аҳаммият бархурдор аст. Забон бо ҳамин мақоми волои худ барои тамоми аъзои ҷомеа баробар хизмат менамояд ва аз ин ҷиҳат онро пояи ҳастии миллат медонанд. Сухани адиби барҷаста Расул Ғамзатов ин маъноро таквият мебахшад: «Агар донам, ки забони ман пагоҳ аз байн меравад, дар он сурат тайёрам, ки имрӯз бимирам».

Бале, барои мо тоҷикон забони модариамон беҳтарин сарвати атонамудаи Худованд аст. Ин аст, ки



забони ноби модариамон дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули худ роҳи ниҳоят пурфоҷиаро тай намуда, аз санҷишу имтиҳонҳои таърихӣ гузашта, дар натиҷаи хизматҳои бузург, заҳматҳои бедареғ мероси гаронбаҳо ва корнамоиҳои беназири фарзандони барӯманди халқи тоҷик, аз Устод Рӯдакӣ то Садриддин Айниву Лоиқ Шералӣ, дар шакли зебову ноб, бо захираҳои ғаниву рангини луғату таъбирот барои мо ёдгор мондааст ва мо бо ин мероси ҷовидонӣ ифтихор




мекунем.

Забони тоҷикии мо дар тулии ин давраи таърихӣ се давраи инкишофро аз сар гузаронидааст:

-давраи бостон, ки замони давлатдории Ҳахоманишиёнро дар бар мегирад. Осори хаттии ин давра «Катибаи Бесутун» ба шумор меравад, ки бо хатти мехӣ сабт шудааст.

-давраи миёна ба замони подшоҳии Ашкониён ва Сосониён мувофиқ аст. Дар таърих ин забон бо номи паҳлавӣ машҳур аст.

-давраи нав ё порсии дарӣ, ки аз асрҳои VII-IX милодӣ оғоз гардид, то замони моро фаро гирифтааст. Осори безаволи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар ин марҳила бо хатти форси арабӣ асос таълиф шудааст, ки забони тоҷикӣ дар гирудорҳои таърихӣ на танҳо ҳастӣ ва покии худро нигоҳ дошта тавонист, балки ғосибонро маҷбур кард, ки онро забони девону дафтар ва давлатдории хеш қабул намоянд.

Ҳамчунин аҳамияти забони тоҷикиамон дар давраи соҳибистиқлол гаштани кишварамон боз виҷаги махсус кашф кард. Маҳз, ҳамин зарурияти таърихиро ба назар гирифта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзишу донистани забони тоҷикиро барои кули шаҳрвандони Тоҷикистон фарз ҳисобид. Имрӯз таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати кишвар саъю кӯшиш дорад, ки сиёсати забонии худро дар ҷомеа побарҷову устувор гардонад, зеро як рукни муқаддаси миллат ин забони миллӣ аст. Ҳақ ба ҷониби устоди зиндаёд Лоиқ Шералист:

**Аз забони модарӣ гумкарда, лек**
**Мерасад рӯзе ватангумкардае...**

Дар фарҷом, ба ҳамаи устодону донишҷӯён ва ҳайати кормандони ДМТ иди забони давлатиро табрику таҳният гуфта, ба онҳо сарбаландӣ, муваффақият, бурдборӣ ва рӯзгори хушро таманно дорам.

**Таҳияи**
**Эмомалӣ МИРАЛӢ**

# ФИДОКОРИ РОҲИ ИЛМ ВА ОМӮЗГОРИ СОҲИБМАКТАБ



**Зодрӯзатро муборак гӯям аз**
**ҷон зинда бош,**
**Дар миёни дӯстон чун гул**
**ба бӯстон зинда бош.**

Касби омӯзгорӣ пуршараф аст. Ин касб дар ҳама давру замон мақоми шахсро дар ҷомеа баланд бардошта, ӯро соҳибэҳтиром ва соҳибмартаба мегардонад. Шоинбеков Одинабек, ҳамчун ходими дурандеш ва бохирад, аз зумраи шахсиятҳои намоёне мебошад, ки дар ташаккули таълими забонҳои хориҷӣ, хусусан забони англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст.

Одинабек Шоинбеков 5-уми октябри соли 1950 дар ноҳияи дурдасту зебоманзари Рушони вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон таваллуд шудааст. Аз соли 1958 то соли 1961 дар мактаби таҳсилоти миёнаи №5-и ноҳияи Рушон таҳсил намуда, аз соли 1961 идомаи таҳсили хешро дар мактаб-интернати №1 ш. Хоруғ давом дода, соли 1968 ин боргоҳи илму маърифатро хатм менамояд. Худи ҳамон сол ба факултети забонҳои хориҷии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) дар шуъбаи рӯзона, ихтисоси забони англисӣ дохил мешавад. Фаъолияти кории устод аз соли 1972 дар мактаби миёнаи №1 н. Комсомолобод шурӯъ мегардад. Шоинбеков О. дар ин муассиса ба ҳайси муаллими забони англисӣ то соли 1975 фаъолият менамояд. Фаъолияти кории устод ибратомӯз буда, барои насли имрӯзаву оянда самараи дилхоҳ дода метавонад. Аз соли 1973 то соли 1974 хизмат дар сафи Кувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ, солҳои 1975-1983 муаллими мактаби миёнаи №6 н. Орҷоникидзеобод, солҳои 1983-1990 муаллими мактаби миёнаи №26 н. Ҳисор, солҳои 1990-1994 муаллими мактаби миёнаи №89 ш. Душанбе, солҳои 1994-1999 ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии ДДМТ ва аз соли 1999 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ кор ва фаъолият менамоянд.

Баробари фаъолияти амалиаш, устод дар кори илмӣ-методӣ саҳми арзанда дорад. Ба қалами ӯ беш аз 95 корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимию методӣ тааллуқ дорад: Фарҳанги англисӣ-русӣ-тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқӣ, китоби дарсии “English for students of law” барои донишҷӯёни шуъбаи ҲБ факултети ҳуқуқшиносӣ, васоити таълимии “English for law students”, васоити таълимӣ барои донишҷӯёни шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносӣ «Test training exercises and special texts on English» ва даҳҳо барномаҳо, дастурҳои методӣ ва мақолаҳои илмӣ бо номи ӯ таълиф гардидааст.

Устоди сахтгир, вале меҳрубон дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси лаёқатманду забондони соҳаи ҳуқуқшиносӣ нақши муассир дорад. Шогирдони устод дар вазорату идораҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва донишгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ кору фаъолият намуда, обрӯю нуфузи факултетро боло мебардоранд.

Барои хизматҳои шоиста дар ҷодаи омӯзгорӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос Шоинбеков Одинабек ба унвони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудааст. Инчунин, бо чандин мукофоту ифтихорномаҳои вазоратҳои маориф ва илм, корҳои дохилии ҶТ ва ДМТ қадрдонӣ гардида аст.

Шоинбеков Одинабек марди накӯсиришт ва хоксор аст. Қариб 50 сол мешавад, ки дар соҳаи забоншиносӣ, бахусус забони англисӣ устухон сахт кардаву мӯи сар сафед, хуни ҷигару нури дида кам карда, бехастаҳолӣ саргарми фаъолияти созандаву маърифатафзо мебошад. Ҳоло низ ҳамчун ватандӯсти ҳақиқии кишвари худ барои тарбия ва омӯзонидани забони англисӣ ба насли ҷавони Тоҷикистон ғамхорӣ намуда истодааст.

Ҳар боре, ки бо ин устоди инсондӯсту барнодил рӯ ба рӯ шавем, чун одат бо як самимияту меҳрубонӣ ва чеҳраи шукуфону хандон аҳволпурсӣ кардаву одоби муоширатро ба ҷо меорад ва занҷири суҳбатро ба ҳалқаи илму маърифат пайванд менамояд, ки шуниданӣ ва ибратомӯз аст.

Шоинбеков Одинабек дар муддати фаъолияти омӯзгориаш беш аз 20 соли умри пурбаракати худро ба кор ва фаъолият дар кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносӣ бахшидааст.

Устоди азизи мо, имрӯз қадами мубараки хешро ба сини хафтод мемонад. Коллективи кафедраи забонҳои хориҷӣ, устодону ҳамкасбон ва шогирдону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ин шахси фидокорро бо умри пурбаракат самимона табрику муборакбод намуда, ба эшон тансиҳативу сарбаландӣ ва дар ҷодаи фаъолияти омӯзгорӣ муваффақиятҳои назаррасро тамано менамоянд.

**Толеи накӯи бемисолат хоҳем,**
**Иқболу хушӣ дар ҳама ҳолат хоҳем.**
**Хушбахтиву фирӯзиву ҳам барноӣ,**
**Устоди азиз, дар ҳама ҳолат хоҳем.**

**Зарина НАЗАРОВА**
**мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ н.и.ф., дотсент**

# НАҚШИ ЗАНОН ДАР ИНТИХОБОТ

Дар даврони соҳибистиқлолӣ давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии занону духтарон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа тадбирҳои судмандро амалӣ гардонид ва ин иқдом идома дорад. Истиқлолият дар ҳаёти занони тоҷик низ таъсири амиқ гузошт.

Яке аз нишонаҳои рушди асосҳои демократӣ дар ҷомеа васеъ гардидани имкониятҳои иштироки ҳар як фард, алалхусус занон, дар ҳаёти сиёсии давлат, бахусус дар интихобот маҳсуб меёбад. Ин меъёр мушаххас дар Конститутсия (моддаи 27) муайян гардидааст, ки тибқи он «Шаҳрванд ҳуқуқ дорад, дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ё ба воситаи вакилонаш иштирок намоянд». Аслан ин модда такмили мазмуни моддаи 6-и Конститутсия аст, ки ба халқ тааллуқ доштани ҳокимияти давлатиро пешбинӣ менамояд ва бо ин васила робитаи устувори давлат ва шаҳрвандон нигоҳ дошта мешавад. Ҳамчунин, омили асосие, ки субъекти ҳуқуқи иштирок карданро дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ муайян менамояд, мақоми шаҳрвандии шахс мебошад, ки танҳо ӯ метавонад вобаста ба мансубият ба давлат ҳамчун шаҳрванди Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ ширкат варзад. Дар асоси талаботи моддаҳои 8 ва 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1 марти соли 2005 «системаи интихобот дар ҶТ ба мардону занон барои иштирок дар раванди сиёсӣ ҳуқуқҳои баробари интихобот ва кафолатҳои онро таъмин менамояд. Ҳангоми ташкили ҳайати Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, комиссияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ҳавзавӣ ва участкавии интихоботӣ принсипи конститутсионии баробарии ҳуқуқ ва баробарии имкониятҳои мардон ва занон ба асос гирифта мешавад».

Принсипҳои иштироки занони ҶТ дар интихобот ҷудо карда мешаванд. Сухан дар бораи ҳуқуқҳои субъективии интихоботии занон меравад: дар бораи ҳуқуқи интихоб кардан (ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ) ва ҳуқуқи интихоб шудан (ҳуқуқи ғайрифаъоли интихоботӣ). Ба онҳо мансубанд: ҳуқуқи умумии интихоботӣ. Чунин ҳуқуқи интихоботи умумӣ мебошад, ки дар он ҳамаи занони ҶТ, ки ба сини 18 солагӣ расидаанд, ҳуқуқи интихоб кардан доранд, бо расидан ба синни муқарраркардаи Конститутсияи ҶТ бошад, ҳуқуқи интихоб шуданро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ доранд (м. 27). Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон, вазъи иҷтимоӣ, вазъи молумулкӣ ва мансабӣ, маҳалли истиқомат, муносибат ба дин, эътиқод, мансубият ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин аз дигар ҳолатҳо ҳуқуқи интихоб кардан, интихоб шудан дорад.



Азизова Таҳмина
донишҷӯи соли 2

# МУАЛЛИМ – ҲАСТИИ МО



Султонҷон СУЛТОНОВ
донишҷӯи соли 1

**Муаллим сарвару саркори**
**инсон,**
**Муаллим номбардори**
**азизон.**
**Ба даҳри беҳудуду**
**оламу даҳр,**
**Муаллим ҷамъи ахбори**
**парешон**

Муаллим, омӯзгор – вожаҳое, ки барои ҳар яки мо маълуму муқаддас мебошад. Зери ин калимаҳои муқаддас омӯзандаи илму дониш, фарҳангу адаб таҷассум меёбад. Муаллим шахси обрумандӣ ҷомеа буда, аз хурди ба ҳар яки мо илм меомӯзад. Муаллим ба монанди волидон мунису ғамхор мебошад. Омӯзгорон вазифаи ниҳоят душворро ба зимма доранд. Онҳо фарзанди инсонро тарбия менамоянд, илм меомӯзанд, ки ин кори осон нест ва ҳар кас аз уҳдаи ин кор намебарояд. Хушбахт касест, ки сазовори ин касби пуршараф мегардад.

**Расад ҷон бар лаби**
**бечора устод,**
**Ки ҳарфе ба**
**шогирде диҳад ёд.**

Муаллим барои тарбия ёфтан, ба камол расидани ҳар як шогирдаш кӯшиши беандоза мекунад. Зеро шогирди хуб ифтихори муаллим мегардад. Агар омӯзгор шогирдро ба роҳи рост ҳидоят намекард, ҳеҷ гоҳ ӯ шарафманду комёб намегашт. Дуруст аст, ки муаллим роҳнамову нишондиҳанда, созкору ибратомуз ва мададрасони инсон дар роҳи ростиву росткорӣ ва омӯзишу бурдборихост.

Муаллим шахсе мебошад, ки тамоми ҳаёти худро баҳри тарбияи насли наврас бахшидааст. Агар барои аз хоби ноз бедор сохтани табиат баҳор лозим бошад, пас баҳри саводнок шудану ба роҳи рост рафтани инсоният муаллим нақши калон дорад. Ҳеҷ кас аз батни модар донишманд ба дунё наомадааст. Хизмати муаллим аст, ки устод Рӯдакиро чун шоири шоирон, Фирдавсиро чун муаллифи асари безаволи “Шоҳнома”, Садридин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ ва дигар адибони ҷовидонро ба камол расонид.

Муаллим равшангари дилҳо ва ҳидоятгари роҳи рост дар зиндагӣ мебошад. Агар заҳматҳои устод намебуд, ҳама аз илму дониш дур мемонданду дунё тираву торик мегардид.

## ТАЪЗИЯ

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносӣ Диноршоҳ Азиз Мусо бинобар вафоти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба муовини декан оид ба тарбия, н.и.ҳ. Саломов Исроил бинобар вафоти

**ПИСАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Аъзамқулов Фаррух бинобар вафоти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.




# ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН-2020

## ОЁ МАН ҲУҚУҚИ ДАР ИНТИХОБОТ ИШТИРОК КАРДАНРО ДОРАМ?

-Бале, агар Шумо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошед ва то рӯзи интихобот синнатон ба 18 расида бошад, ҳуқуқи иштирок карданро доред.

## КАЙ ВА ДАР КУҶО МАН БОЯД ОВОЗ ДИҲАМ?

- 11 октябри соли 2020 аз соати 6:00 субҳ то 22:00 бегоҳ Шумо ҳуқуқ доред дар участкаи интихоботии маҳалли зист (масалан, дар бинои мактаби маҳалла) овоз диҳед. Комиссияи участкавии интихобот на дертар аз 5 рӯз то интихобот Шуморо дар бораи ҷой ва вақти овоздиҳӣ бо хабарнома огоҳ месозад.

## ДАР РӮЗИ ОВОЗДИҲӢ МАН КАДОМ ҲУҶҶАТҲОРО БОЯД БО ХУД ДОШТА БОШАМ?

-Дар рӯзи овоздиҳӣ ба Шумо бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият (шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, корти идентификатсионӣ, шиносномаи дипломатӣ, хизматӣ ва ё умумишаҳрвандии хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти хизматчии ҳарбӣ, шаҳодатномаи ронандагӣ, шаҳодатномаи хизматӣ, шаҳодатномаи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва собиқадори меҳнат (шахсони ба онҳо баробаркардашуда), шаҳодатномаи маъюбӣ, билети донишҷӯ, ҳарбӣ) бюллетени овоздиҳӣ дода мешавад. Бе ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият бюллетен дода намешавад.

## ЧӢ ГУНА БОЯД ОВОЗ ДОД?

-Баъд аз ворид шудан ба бинои овоздиҳӣ ба назди аъзои комиссияи участкавии интихобот рафта, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро пешниҳод намоед;

-дар муқобили ному насаби худ дар рӯйхати интихобкунандагон имзо гузоред;

-узви комиссияи участкавии интихобот ба Шумо бюллтени интихобот медиҳад;

-пас аз гирифтани бюллетени интихобот ба ҳуҷраи (хонаи) овоздиҳии пинҳонӣ дароед ва боварӣ ҳосил кунед, ки Шумо дар онҷо танҳоед;

-ба мазмуни бюллетени интихобот шинос шавед;

-дар бюллетени интихобот дар квадрати холӣ, дар муқобили насаб, ном ва номи падари номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мехоҳед ба тарафдориаш овоз диҳед, аломати ҷамъ гузоред;

-агар Шумо бар зиддӣ ҳамаи номзадҳо ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон овоз доданӣ бошед, дар бюллетени интихобот, дар квадрати холии сатри “муқобили ҳамаи номзадҳо” аломати ҷамъ гузоред;

- бюллетени пуркардашударо ба қуттии интихобот партоед.




## ОЁ ПАДАРУ МОДАР, ҲАМСАРИ МАН Ё ЯГОН КАСИ ДИГАР МЕТАВОНАД БА ҶОИ МАН ОВОЗ ДИҲАД?

-Ҳаргиз не! Падару модар, ҳамсари Шумо, фарзандон ва ягон каси дигар наметавонад ба ҷои Шумо овоз диҳад. Шумо низ ба ҷои онҳо овоз дода наметавонед.

## ҲАР ИНТИХОБОТКУНАНДА ЯК ОВОЗ ДОРАД ВА БОЯД ШАХСАН ОВОЗ ДИҲАД!